256367

АБДУШАРИФИ
БОҚИЗОДА





НАСИҲАТНОМАИ ИМОМИ АЪЗАМ

Абдушарифи Бокизода

НАСИҲАТНОМАИ ИМОМИ АЪЗАМ

Ба муносибати Соли бузургдошти
Имоми Аъзам (р.ҳ.)

Душанбе
«Маориф ва фарҳанг»
2009

ББК 87. 717 + 86. 38
Б – 90
256367
294371

Зери назари
доктори илмҳои филология, профессор
Абдулҳай Маҳмадаминов

Б – 90. Боқизода А. Насиҳатномаи Имоми Аъзам (р.ҳ.). – Душанбе, «Маориф ва фарҳанг». 2009. – 88 с.

Ин китоб арзиши баланди тарбиявӣ дошта, паҳлӯҳои гуногуни ҳаёти иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва ахлоқии мардумро зери пӯшиши омӯзаҳои имонии худ қарор додааст ва ба муносибати Соли бузургдошти Имоми Аъзам (р.ҳ.) ба дӯстдорони арзишҳои тамаддуни исломӣ ва пайравони мактаб ва андешаҳои ин бузургмарди таърих тақдим мегардад.

000184046
Китобхонаи миллии Точикистон

ISBN 978-999-47-58-78-4 © «Маориф ва фарҳанг», 2009

بِسْمِ اللَّهِ الرَّحْمَنِ الرَّحِيمِ

Насиҳат гӯш кун, ҷоно...

«Имоми Аъзам – Абуҳанифа, устоди ҳамаи имомони аҳли суннат ва ҷамоъат аст».
Эмомалӣ Раҳмон

Мероси ҷовидонае, ки дини мубини Ислом дар партави паёмҳои Қуръони карим ва арзишҳои суннати Расули акрам (с) барои башарият ба армуғон оварда, фарҳанг ва тамаддуни фарогири инсоние мебошад, ки одамият то абад аз самароти пурбори он баҳра мегирад. Таҳкурсӣ ва заминаи ин тамаддуни бузурги ҷаҳонӣ бо дасти Паёмбари бузурги Ислом, ҳазрати Муҳаммад (с) рехта шуд ва ҳанӯз дар аҳди хулафои рошидин боровар гардид ва пас аз он дар тӯли асрҳои минбаъда самараҳои неки худро барои башарият тақдим намуд.

Паёмҳои ҷовидонаи Қуръони маҷид ва арзишҳои суннати набавӣ нубуғи фикрӣ ва андешаи мусалмонони боистеъдодро ба камол

расонид ва дар пайкари миллатҳо рӯҳи тозае дамид. Ба ҳар сарзамине, ки нури Ислом партавафшон гашт, дар зиндагии мардуми он марзу бум таҳаввули фарогире ба вуҷуд овард. Рӯҳи донишпарварӣ ва ҷавҳари фарҳангдӯстии Ислом ба мусалмонон чунон пӯёӣ ва такони илмие бахшид, ки аз ҳамон сароғоз дар пайи густариш ва шукуфоии тамаддуни башарии он баромаданд. Дере нагузашт, ки шӯъоъи дониши мусалмонон тамоми ҷаҳони Исломро аз кишварҳои шимоли Африқо ва Испониё то дуртарин кишварҳои осиёӣ ва сарзаминм Ҳинд дар зери пӯшиши анвори таълимоти худ қарор дод ва аксари мардум қудрати хондан ва навиштанро пайдо карданд.

Шарқшиноси бузурги фаронсавӣ Густав Любен дар бораи ҷунбиши азими фарҳангӣ ва бедории фарогири илмие, ки Ислом дар миёни миллатҳои Шарқ ба вуҷуд оварда буд, дар китоби **«Тамаддуни Ислом ва араб»**-и худ менависад: **«Ҷиддият ва пӯёие, ки мусалмонон дар фаро гирифтани илмҳо аз худ нишон доданд, воқеъан ҳам, ҳайратангез буд. Онҳо ҳар шаҳреро фатҳ мекарданд, аввалин коре, ки дар он ҷо анҷом медоданд, бинои масҷид ва омӯзишгоҳ буд».**[1]

---

[1] **«Тамаддуни Ислом ва араб»**, с. 557. Ба нақл аз китоби «Таърихи фарҳанг ва тамаддуни исломӣ», с. 67.

Бо нузули Қуръони карим ва оғози рисолати Паёмбари Ислом (с) бунёди зиндагии нав ва эҳёи рӯҳу андешаи инсон оғоз гардид ва кохи тамаддуни боазамати Ислом бо дасти бузургтарин абармарди таърих – ҳазрати Муҳаммад (с) ва бо талошҳои пайравони барӯманди мактабаш поягузорӣ шуд. Дар партави таълимоти созандаи Ислом мардони бузурге ба камол расида ва дар роҳи таҳкими пояҳои тамаддуни исломӣ саҳм гузоштаанд, ки таърихи дигар ҷомеаҳо камтар назири онҳоро дидааст. Яке аз ин бузургмардони илму фарҳанги исломӣ фарзанди фарзонаи халқи тоҷик - Имоми Аъзам Абуҳанифа (р.ҳ.) – пешвои мактаби фиқҳи ҳанафӣ ва поягузори риштаи ҳуқуқ дар Ислом – мебошад.

Имоми Аъзам (р.ҳ.) бо поягузории аввалин мактаби фиқҳ дар Ислом чунон маркази нерӯманди илмӣ ва ҷунбиши пӯёи фарҳангие ба вуҷуд овард, ки ҳазорон нафар аз баракоти илми он баҳра бардоштанд. Шахсони илмдӯст аз гӯшаву канори қаламрави паҳновари хилофати исломӣ ба он маркази илму дониш рӯй оварда, дар ҳалқаи дарси ӯ ширкат меварзиданд. Мардум дар бораи масоили рӯз ва мушкилоти пешомада назари ӯро мепурсиданд ва ба қавли вай амал мекарданд.

Имом Абуҳанифа (р.ҳ.), илова бар ҳазорон шогирди умумӣ, ҳафтсаду сӣ нафар шогирди забардаст ба воя расонид, ки пас аз вай мактаби

фиқҳӣ ва андешаҳои динии ӯро ба саросари ҷаҳони Ислом расониданд. Ин шогирдон на танҳо дар чорчӯбаи академӣ ба захираи азими илмӣ табдил ёфта буданд, балки онҳо амалан ба сурати давлатмардони ботаҷриба, сиёсатдорони варзида ва муслиҳони комили иҷтимоӣ ба камол расида буданд. Ҳамин шогирдони забардасти Имом Абуҳанифа (р.ҳ.) пас аз муддате дар даврони хулафои аббосӣ ба болотарин мақомоти идорӣ, илмӣ ва динии дорулхилофат, яъне кишвари паҳновари Ислом, пас аз халифа, расиданд.

Имом Абуюсуф қозиюлқузоти *(раиси додгоҳи олии)* қаламрави хилофат таъин гардид ва дар давраи хилофати се халифаи аббосӣ: Маҳдӣ, Ҳодӣ ва Ҳорунарраашид дар симат бомувафақият ва кордонӣ фаъолият кард. Абуюсуф ин халифаҳо ва аҳли хонадони эшонро зери нуфузи маънавӣ ва илмии худ қарор дод. Муҳаммад ибни Ҳасани Шайбонӣ бошад, мағзи мутафаккир ва мадори илмии хулафо ва уммат ба шумор мерафт ва онҳо дар маҷмӯъ таъинкунандаи сиёсати шаръӣ ва барномаҳои фарҳангии кишвар гардида буданд ва халифа Ҳорунарраашид дар ҳеҷ мавриде аз машварати онҳо берун намешуд.

Садҳо ҳазор мусалмон аз ин шогирдони Имоми Аъзам (р.ҳ.) касби илму маърифат намуданд ва аз мактаби фиқҳӣ ва андешаҳои онҳо пайравӣ карданд. Ба баракати хадамоти арзандаи он

бузургмардон фиқҳи исломӣ масири ҷовидонаи худро паймуд ва имрӯз пайравони мактаби фиқҳӣ ва андешаҳои Имоми Аъзам (р.ҳ.) аксарияти мусал-монони ҷаҳонро ташкил медиҳанд.

* * *

Имом Абуҳанифа (р.ҳ.) ба баъзе шогирдони фозил ва ёрони худ насиҳатҳои арзишманде намуд, ки аз макнуноти андешаи он марди бузург ва дарки фарогири ӯ аз арзишҳои волои Ислом хабар медиҳанд. Имоми Аъзам (р.ҳ.) бо ин панду андарзҳои падаронаи худ таваҷҷӯҳ ва дилбастагии самимии хешро нисбат ба шогирдонаш нишон додааст ва дар тарбияи шогирдон намунаи олиеро барои устодон ва мураббиён ба ёдгор гузоштааст. Насиҳатҳои Имом Абуҳанифа (р.ҳ.) дорои арзиши баланди илмиву амалӣ ва ахлоқӣ буда, тамоми ҷанбаҳои ҳаёти башариро дарбар мегиранд.

Мардуми мусалмон ҳатман бояд ин насиҳатҳои ин шахсияти бузургро сармашқи зиндагӣ ва дастуруламали кору фаъолияти худ қарор диҳанд. Аз ин рӯ, зарур донистем, ки он панду андарзҳои арзишмандро ба пайравон ва алоқамандони мактаби Имоми Аъзам (р.ҳ.) тақдим намоем.

Ин насиҳатномаҳо, ки аз панҷ маҷмӯъаи нафис иборат мебошанд, аз тарафи Мавлоно Муҳаммадошиқи Илоҳии Баландшаҳрӣ таҳия

гардида ва бо кӯшиши Абдуллоҳи Абдуллоҳӣ (Ҳайдарӣ) ба форсӣ тарҷума шудаанд:

1. Насиҳатномаи Имоми Аъзам (р.ҳ.) ба шогирди арҷмандаш Абуюсуф (р.ҳ.)
2. Насиҳатномаи Имоми Аъзам (р.ҳ.) ба шогирдаш Юсуф ибни Холиди Самтӣ (р.ҳ.)
3. Насиҳатномаи Имоми Аъзам (р.ҳ.) ба фарзанди ягона ва шогирдаш Ҳаммод (р.ҳ.)
4. Насиҳатномаи Имоми Аъзам (р.ҳ.) ба шогирдаш Абуъисмат Нӯҳ ибни Абумарям (р.ҳ.)
5. Насиҳатномаи Имоми Аъзам (р.ҳ.) ба ҷамъе аз шогирдонаш (р.ҳ.)

Насиҳатномаи Имом Абуҳанифа (р.ҳ.) ба Абуюсуф ва Юсуф ибни Холидро пас аз муқоисаи онҳо ба матни арабиашон, ки дар китоби **«Имоми Аъзам - Абуҳанифа Нӯъмон (р.ҳ.) »**, таълифи доктор Ҳамза Нашратӣ ва ҳамкоронаш оварда шудааст, омода намудем, вале насиҳатномаҳои дигари Имоми Аъзамро ҳамон тавре ки дар тарҷумаи Абдуллоҳи Абдуллоҳӣ (Ҳайдарӣ) омадаанд, бо каме таҳрир аз ҳуруфи форсӣ баргардон ва омодаи чоп намудем.

Лозим ба ёдоварист, ки ҳарчанд баъзе аз насиҳатҳои Имом Абуҳанифа (р.ҳ.) ба камоли илмӣ ва мақоми волои шахсиятҳое, ба монанди Абуюсуф ва дигарон ҳамсозӣ ва созгорӣ доранд ва оммаи мардум дар онҳо мавриди назар қарор нагирифтаанд ва баъзе аз онҳо ба давраи татбиқи

аҳкоми шариат дар кишвари исломӣ муносибат доранд, вале дар умум онҳо аз омӯзаҳои арзишманд, панду андарзҳое иборатанд, ки тамоми ҷанбаҳои зиндагии иҷтимоӣ, фарҳангӣ, ҳуқуқӣ ва ахлоқии мардумро фаро гирифтаанд ва барои ҷомеаи кишварамон дар раванди бозгашт ба асолати фарҳангӣ беҳтарин сармашқи зиндагӣ ба шумор мераванд.

Бинобар ин, ин маҷмӯъаи пуразриш ба хотири баланд бардоштани сатҳи маърифати инсонӣ ва имонии доираи васеъи хонандагон ва бо мақсади омӯзиши андешаҳои ин бузургмарди таърих ва насиҳати наслҳои оянда омода гардидааст.

* * *

Имом Абуҳанифа (р.ҳ.) чӣ тавре зикр гардид, дар симои шахсияти шогирдонаш панду андарзҳои арзишманд ва насиҳатҳои нағзу пурмағзро барои наслҳои минбаъда ба ёдгор гузоштааст, ки ҳар мусалмоне дар зиндагонӣ ба онҳо ниёз дорад. Ӯ ба шогирди рашидаш Имом Абуюсуф (р.ҳ.) , пеш аз ҳама тарзи муносибат ва ба роҳ мондани робитаҳои дуҷонибаро бо подшоҳ таълим дода, вайро ба эҳтиром ва бузургдошти шахсияти ҳоким тавсия менамояд ва аз дурӯғ гуфтан ва тамаллуқ намудан дар пеши сарвари давлат комилан барҳазар медорад. Ҳамчунин ӯро ба интихоби вақти муносиб барои даромадан ба назди подшоҳ

ва кам рафтуомад намудан бо ӯ насиҳат мекунад, зеро рафтуомади бемавқеъ ва аз ҳад зиёд ба дарбори ҳокимон қадру манзалати шахси донишмандро дар назди онҳо паст менамояд.

Имом Абуҳанифа (р.ҳ.) барои пойдор ва дар вазъи хуб нигаҳ доштани муносибатҳои дуҷониба бо подшоҳ ба шогирдаш тавсия менамояд, ки бо атрофиёни вай робитае барқарор насозад, балки танҳо бо худи ӯ дар иртибот бошад.

Ҳамин тавр, равиши натиҷабахши ислоҳи камбудиҳои подшоҳ ва тарзи насиҳати ӯро бо зебоӣ ва тарзи муносибе барои шогирдаш баён мекунад. Қисмати аввали насиҳатҳои Имоми Аъзам (р.ҳ.) ба ҳамин самт равона гардидааст.

* * *

Пас аз он Имом Абуҳанифа (р.ҳ.) тарзи муносибат бо мардум ва корбурди меъёрҳои ахлоқиро дар байни қишрҳои гуногуни ҷомеа ба шогирди рашидаш Имом Абуюсуф меомӯзад. Аз ҷумла, ба вай тавсия мекунад, ки дар байни мардуми ома дар бораи мавзӯъҳои гуногуне, ки дарк ва фаҳми онҳо намерасанд ва ё нисбат ба ӯ бадгумон мешаванд, сӯҳбат накунад, балки танҳо дар бораи он масъала ва мавзӯе сухан бигӯяд, ки аз вай пурсида мешавад ва ба гуфтугузорҳои илмӣ тааллуқ дорад. Ӯ мефармояд, ки дар бораи муомилоти тиҷоратӣ ва

додугирифтҳои молӣ дар байни мардум камтар сӯҳбат намояд, зеро мардум ба вай бадгумон мегарданд ва мепиндоранд, ки вай қасди ришвагирӣ ва дастдарозӣ ба моли он ҳоро дорад.

Ҳамчунин, ӯро аз хандаву сархушӣ ва сабукрафторӣ дар байни мардум, аз рафтуомади бисёр ба бозор, аз муносибат бо ҷавонони навболиғ, аз нишастан бар сари роҳҳо, аз нишастан ва нӯшидану хӯрдан дар бозорҳо ва аз дигар рафторҳое, ки ба ҷиддият, мурувват ва манзалати ичтимоии инсон зиён мерасонанд, барҳазар медорад. Вай дар ҷойи дигаре аз панду андарзҳои худ мефармояд, ки хандаи бисёр дилро мемиронад. Имом Абуҳанифа (р.ҳ.) насиҳатҳои падаронаи худро идома дода, шогирди рашиди худ - Имом Абуюсуфро ба эҳтиром ва бузургдошти пирамардон ва калонсолон тавсия менамояд.

* * *

Имоми Аъзам (р.ҳ.) дар қисмати дигаре аз пандномаи хеш Имом Абуюсуфро дар бораи бунёди хонавода ва интихоби ҳамсари муносиб насиҳатҳои судманд менамояд. Нахуст ӯро ба андӯхтан ва фаро гирифтани илму дониш, пас аз он ба касби мол ва омода сохтани шароити оиладоршавӣ ва дар охир ба интихоби ҳамсари муносиб ва издивоҷ раҳнамоӣ мекунад. Вай дар зимн ӯро аз

издивоҷ бо заноне, ки дурнамои бунёди хонавода бо онҳо норавшан аст ва ё эҳтимоли нопойдорӣ ва фурӯпошии он хеле зиёд аст, барҳазар медорад.

* * *

Имом Абуҳанифа (р.ҳ.) шогирдашро ҳамчунин ба омӯзиши илму дониш ва сабру таҳаммул дар роҳи касби маърифат ташвиқ менамояд ва ба вай насиҳат мекунад, ки агар даҳсолаҳо дар ин роҳ бе дарёфти ризқу рӯзии зиндагӣ боқӣ монад ҳам, аз талаби илму дониш ва касби камолоти маънавӣ рӯй натобад. Зеро талаби илм ибодати Худост ва касе аз ибодат ва зикри Худо рӯй бартобад, дар воқеъ, зиндагии сахтеро дар пеши рӯ хоҳад дошт ва баръакс, омӯхтани илму дониш ва касби маърифати динӣ инсонро ҳам дар дунё ва охират сарбаланд месозад ва ҳам дари ризқро ба рӯйи ӯ мекушояд.

Ин насиҳати ҳакимонаи Имоми Аъзам (р.ҳ.) ҳамчунин дурнамои равшанеро барои мардуми мусалмон дар робита ба зиндагонии босаодат ва пешрафту шукуфоӣ дар заминаҳои гуногун тарсим менамояд. Миллатҳои мусалмон, дар ҳақиқат, аз замоне, ки аз илму дониш ва касби маърифати динӣ рӯй гардонидаанд ва ба рукуду камфаъолиятӣ гароидаанд, ба ҳаёти бесарнавишт ва сахтиҳои зиндагӣ гирифтор гаштаанд. Ҳамчунин, ӯро ба

навозишҳои падарона ва муносибати олӣ бо шогирдон тавсия менамояд, то ин кор рағбати онҳоро ба андӯхтани илму дониш бештар гардонад.

Маҳз тақдими мачмӯаи маълумотҳои илмӣ ва эроди чанд суханронӣ дар синфхонаҳо ва толори дарсӣ барои ташаккули шахсият ва тарбияи солими шогирд кифоя намекунад ва вақте устод ба шогирдон муносибати хушк ва ғайрисамимӣ дошта бошад, ин кор натичае дилхоҳе намебахшад, балки дар роҳи ташаккули шахсияти инсон ҳамон равиши таълимие метавонад муваффақ бошад, ки устод шогирдонро дар зери пӯшиши навозишҳои падаронаи худ қарор диҳад.

Ҳамин тавр, Имом Абуҳанифа (р.ҳ.) ӯро ба пойдорӣ дар роҳи татбиқи адолат ва баёни ҳақиқат фаро мехонад ва мефармояд: **«Дар гуфтани ҳақ аз ҳеч кас биму андеша надошта бош, ҳарчанд дар пеши подшоҳи замон ҳам бошад.»**

Имом Абуҳанифа (р.ҳ.) ба шогирдаш Имом Абуюсуф насиҳат мекунад, ки ҳамеша робитаи худро бо Худованди мутаъол пойдор нигаҳ дорад ва дар байни мардум Парвардигори баландмартаба ва меҳрубонро бисёр ба ёд оварад, то мардум зикри Худоро аз вай биомӯзанд. Барои зикри Худованди мутаъол ва тачдиди бардавоми робитаи хеш бо Парвардигори якто барои худ вирде муайян созад, масалан, пас аз намозҳо вақтеро барои тиловати

Қуръони мачқид, зикри Худо ва шукри неъматҳои бепоёни Парвардигори бахшандаву меҳрубон чудо созад ва ҳар моҳ чанд рӯзе рӯза бигирад, то мардум дар ин корҳои хайр ва равиши худсозӣ аз ӯ пайравӣ намоянд. Маргро ҳамеша ба ёд оварад ва барои он рӯз омода бошад, барои устодон ва он шахсиятҳое, ки аз эшон илму дониш ва дин омӯхтааст, мағфират бихоҳад ва ҳамеша нафси худро назорат ва бозхост намояд.

* * *

Имом Абуҳанифа (р.ҳ.) ба шогирдаш тавсия менамояд, ки дар масоили динӣ ба андозаи дарк ва иҳотаи мардум сухан гӯяд ва аз зикри масоили печида худдорӣ намояд, то онҳоро дар фаҳми чунин масоиле саргашта ва парешон насозад. Ҳамчунин, масоили матраҳгардидаро барои мардум бо равиши илми калом ва мафҳумҳои фалсафӣ баррасӣ накунад, зеро онҳо қобилияти дарки чунин чизҳоеро надоранд. Вақте мардум ба дарки моҳият ва мафҳуми чизе нарасиданд ё дар қабули ҳақиқати он ба шубҳа меафтанд ва ё онро комилан рад менамоянд. Ин кор имкон дорад ба инкор гардидани баъзе ҳақоиқи диние, ки аз доираи фаҳми оммаи мардум болотаранд, бианчомад. Дар ин маврид Алӣ ибни Абутолиб (р.ҳ.) барҳақ мефармояд: **«Барои мардум дар бораи**

чизҳое сухан бигӯед, ки ба дарки он расида метавонанд (ва аз зикри чизҳое, ки ба фаҳмашон намерасанд, худдорӣ намоед). **Оё мехоҳед Худо ва Расули Ӯ (с) дурӯғ шуморида шаванд?».**[1]

* * *

Имом Абуҳанифа (р.ҳ.) шогирдаш Имом Абуюсуфро ба шинохтани ҳолатҳои равонӣ, мавқеъияти илмӣ ва ҳайсияти инсонии одамон тавсия менамояд ва ӯро аз баҳсу мунозара бо одамоне, ки аз одоби гуфтугузори илмӣ ва корбурди ҳуҷҷату далел бехабаранд, аз сӯҳбат бо олимони девона-сифат ва бемурурвват ва ҳамчунин аз гуфтугӯ бо одамоне, ки илмро барои ба даст овардани ҷоҳу мақом ва шӯҳрати дунё омӯхтаанд, барҳазар медорад, зеро чунин шахсон обрӯйи инсонро мерезонанд ва аз ҳеҷ гуна разолате дар ин ҷода худдорӣ намекунанд.

Ҳамчунин ӯро ба арҷ ниҳодан ба устодон ва бузургони гузашта насиҳат мекунад ва аз ҳар гуна бархӯрди манфӣ ва носазо гуфтан дар бораи шахсиятҳои мавриди эҳтиром ва бузургдошти қишрҳои гуногуни мардум боз медорад, чунки ин кор боиси барангехтани ҳисси нафрати мардум нисбат ба ӯ мегардад ва дар натиҷа пеши роҳи даъват ба рӯяш баста мешавад. Аммо дар баробари

---

[1] «Саҳеҳи Бухорӣ», таълиқ (муқаддима)-и ҳадиси 127.

одамони фосиқ ва бидъаткоре, ки ба дин ва ҷомеъа зарар мерасонанд, ӯро ба қотеъият ва парда бардоштан аз рӯйи шахсияти онҳо даъват менамояд, то мардум аз бадиҳои чунин одамон огоҳ шаванд ва дар зери таъсири афкор ва рафтори эшон қарор нагиранд.

Хулоса, ин насиҳатнома ганҷинаи нафису пурғановати маънавӣ ва панду андарзҳои арзишмандеро барои роҳиёни роҳи маърифат ва толибони камоли инсонӣ фаро гирифтааст. Дар он робитаи банда бо Худованди мутаъол ва тарзи муносибати ӯ бо бандагони Парвардигори баландмартаба ва меҳрубон бо зебоӣ ва сабки хосе баён гардидааст ва он лавҳаи равшане аз ҳаёти амалӣ ва муносибатҳои иҷтимоии Имом Абуҳанифа (р.ҳ.) мебошад.

* * *

Имом Абуҳанифа (р.ҳ.) ба шогирди дигараш Юсуф ибни Холиди Самтӣ низ насиҳатҳои судманде мекунад ва пеш аз ҳама, ӯро ба хушрафторӣ ва муносибати нек бо мардум тавсия менамояд. Аз ӯ мехоҳад, ки дар ҳар ҳоле бо мардум созиш ва мадоро намояд ва муносибати худро бо онҳо дар сатҳе нигаҳ дорад ва коре накунад, ки пеши роҳи даъвати ҳақро дар байни мардум бо дасти хеш бибандад. Вай аз шогирдаш мехоҳад, ки дар тамоми корҳо, ба хусус дар паҳн кардан ва

густариш додани арзишҳои дини Худо, сабру таҳаммул, тамкин, бурдборӣ ва дили пургунҷоиш дошта бошад ва бо мардум муносибати некеро ба роҳ монад, ба сару либос, тозагӣ ва маркаби савориаш таваҷҷӯҳ дошта бошад ва вақтҳои худро ба танзим дароварад.

Яке аз суннатҳои ҳамешагии Паёмбари акрам (с) ва корҳои писандида дар пешгоҳи Ислом истеъмоли атру хушбӯӣ, интихоби либоси муносиб, ҳифзи покизагии бадан ва умуман тозаву озода будани одам дар зиндагист ва чӣ тавре мебинем, Имом Абуҳанифа (р.ҳ.) низ шогирдашро ба доштани завқи баланди зебоишиносӣ ва риояи ин равиши озодагӣ дар зиндагӣ тавсия намудааст.

Имом Абуҳанифа (р.ҳ.) ба вай ҳамчунин насиҳат мекунад, ки барои пешрафти фаъолиятҳои худ атрофиёни солеҳ, дӯстони боэътимод ва мушовирони варзидае интихоб кунад, то ҳақиқатҳоро ба таври дуруст барояш бозгӯ намоянд. Аз дӯстонаш ҳамеша ёд ва дидорбинӣ намояд ва ба хабаргирии он дӯстон ва ҳамнишинонаш, ки бемор шудаанд, биравад.

* * *

Имоми Аъзам (р.ҳ.) фарзанди дилбанд ва нури чашмаш - Ҳаммодро, пеш аз ҳама, ба тақвои Худованди мутаъол ва худро харчи тезтар аз ҷаҳлу нодонӣ берун овардан тавсия менамояд ва дар

идома ӯро аз пайравии мактабҳои ботили эътиқодӣ ва ҷараёнҳои бероҳи фикрӣ барҳазар медорад ва аз вай мехоҳад, ки ҳамеша аз мазҳаб ва равиши аҳли суннат ва ҷамоат пайравӣ намояд. Ин насиҳатҳо баёнгари дарки амиқи Имом Абуҳанифа (р.ҳ.) аз арзишҳои дини Худо ва фаҳми фарогири вай аз мақсадҳои олии Қуръони карим мебошад. Дар каломи қудсии Худованд омадааст: **«Ба ёд овар он замонеро, ки Парвардигораш ба ӯ (Иброҳим) гуфт: Ислом биовар ва таслим (и Ман) бош, (Иброҳим) фармуд: Таслими Павардигори ҷаҳониён гардидам»**.

Сипас Қуръони мачқид идомаи мавзӯъро аз забони Иброҳим (а) ва Яъқуб (а), ду мунодии тавҳид ва паёмовари бузурги Худо нақл менамояд, ки онҳо ба ҳангоми марг аз фарзандони худ паймон гирифтанд ва ба онҳо тавсия намуданд, ки: **«Худо барои шумо дин (и хеш)-ро баргузидааст, пас дар ҳоле бимиред (ва ба ҳаёти худ хотима бахшед), ки мусалмон бошед»**.[1]

Насиҳати Имом Абуҳанифа (р.ҳ.) ба фарзандаш низ ба ин маъност, ки ҳамеша таслими Худо бошад ва аз дини баргузидаи Ӯ, ки дар равиши аҳли суннат таҷассум ёфтааст, пайравӣ намояд.

Дар охир Имом Абуҳанифа (р.ҳ.) фарзандашро ба амал кардан ба панҷ ҳадисе амр менамояд, ки онҳоро аз миёни панҷсад ҳазор ҳадиси набавӣ

---

[1] Сураи «Бақара», 2: 131, 132.

интихоб намудааст. Ин панҷ ҳадис, воқеъан ҳам, тамоми паҳлӯҳо ва ҷанбаҳои гуногуни зиндагонии инсонро дар зери пӯшиши омӯзаҳои худ қарор додаанд.

Дар ҳадиси аввал Паёмбари акрам (с) тамоми амалҳои инсонро ба нияти вай вобаста донистааст, пас барои дуруст гардидани амалҳо инсон бояд нияти худро дуруст ва барои Худо холис гардонад.

Дар ҳадиси дувуми набавӣ Расули Худо (с) мусалмононро ба ҷидду ҷаҳд дар зиндагӣ ва анҷом додани аъмоле даъват намудааст, ки дар дунё ва охират барои онҳо нафъе дошта бошанд ва ҳамин тавр онҳоро аз корҳои беҳуда, машғулиятҳои бефоида ва саргармиҳое, ки вақт ва нерӯҳои ҷисмӣ ва зеҳнии инсонро зоеъ месозанд, барҳазар доштааст.

Дар ҳадиси савум ҳазрати Муҳаммад (с) мӯъминонро ба камоли имон фаро хондааст. Камоли имон ва имони мақбули даргоҳи Ҳақ он аст, ки банда барои бародараш низ ҳамон чизеро дӯст дорад, ки барои худаш дӯст медорад ва ҳар чиз ва кореро, ки барои худаш намеписандад, барои бародараш низ онро написандад.

Дар ҳадиси чаҳорум Паёмбари акрам (с) мардумро ба покӣ ва дурӣ аз шубҳаҳо даъват менамояд. Дурӣ аз корҳои шубҳаовар ва муҳитҳои олуда, дин, обрӯ ва ҳайсияти инсонро ҳифз менамояд ва касе ба муҳити нопок наздик мегардад

ва ё ба корҳои шубҳаовар даст мезанад, ин ҳолат илова бар ин ки дин ва обрӯйи ӯро ба шубҳа меафканад, вайро андак-андак ба корҳои ҳаром мекашонад.

Салоҳ ва фасоди кори инсон ба салоҳ ва фасоди дил ва ботини вай вобаста мебошад. Агар ботин ва дили инсон пок ва ба тақвои Илоҳӣ парвариш ёфта бошад, амалҳои поку солеҳ анҷом медиҳад ва агар он ба фасод олуда бошад, он одам дар зоҳир низ ба сӯйи фасод майл дорад. Пас амалҳои инсон нишонаи салоҳ ва ё фасоди ботини ӯ мебошанд.

Дар ҳадиси панҷум Расули акрам (с) моҳияти имондорӣ ва мусалмони воқеӣ буданро баён намудааст. Шахс, дар ҳақиқат, вақте мусалмони воқеӣ мегардад, ки дигар мусалмонон аз дасту забони ӯ дар амон бошанд, яъне дар такомули имонии худ ба мақоме расида бошад, ки аз забон ва дасти вай ба касе зарар нарасад.

Паёмбари Худо (с) дар ин ҷо мардумро ба он даъват менамояд, ки одамони бофарҳанг, бомаърифат ва хушахлоқ бошанд, то аҳли ҷомеа аз якдигар эҳсоси амнияту оромиш намоянд ва исломи ҳақиқӣ ҳам аз ҳамин иборат аст.

* * *

Имом Абуҳанифа (р.ҳ.) дар насиҳате, ки ба шогирдаш Абуъисмат Нӯҳ ибни Абумарям

навиштааст, ба баёни меъёрҳои ахлоқӣ ва тарзи коргузории қозиён (судяҳо) ва дигар кормандони мақомоти идорӣ пардохтааст.

Вай нахуст вазифаи қозигиро амонати бузурги Илоҳӣ ва масъулияти азими ҳифзи адолат дар ҷомеа донистааст, ки бузургтарин уламо аз таҳаммули он очиз мебошанд ва онро танҳо олими донишманд метавонад ба хубӣ анҷом диҳад. Бинобар ин, дар аснои қазоват ва баровардани ҳукмҳо бояд ботамкин ва дурандеш бошад ва аз он чӣ дар ин насиҳатҳо дарҷ гардидааст, баҳра гирад.

Имом Абуҳанифа (р.ҳ.) вақте панду андарзҳро барои шогирдаш менавишт, сухани Расули Худо (с) ҳеҷ гоҳ ӯро ором намегузошт, он ҷо, ки мефармояд: **«Қозиён (судяҳо) се гурӯҳ ҳастанд, ки як гурӯҳи онҳо ба биҳишт меравад ва ду гурӯҳи дигараш дар оташанд. Мард (қози)-е, ки ҳақро бишиносад ва бар асоси он ҳукм намояд, вай ба биҳишт меравад. Қозие, ки ҳақро нашиносад, балки бар асоси ҷаҳл ҳукм намояд ва ҳуқуқи мардумро аз байн бибарад, вай дар оташ аст ва ҳамчунин, қозие, ки ҳақро бишиносад, вале (дар миёни мардум ба ноҳақ ва) ҷавр ҳукм намояд, ӯ низ дар оташ аст».**[1]

Илова бар ин, вақте ин шохаи муҳими давлатдорӣ аз тарафи шахсиятҳои босалоҳият ва боадолат идора шавад, таъмини кафолатҳои ҳуқуқии шаҳрвандон ва баровардани ҳукмҳои одилона барои қозиён осон

---

[1] «Сунани Абудовуд», 3573. «Сунани Тирмизӣ», 1322. «Сунани Ибни Моҷа», 2315.

мебошад, вале вақте ҳокимият ба дасти ноаҳлон идора шавад, қозии додгоҳ дар масоили зиёде зери фишор қарор мегирад ва аз таъмину татбиқи адолати додгоҳӣ (судӣ) очиз мемонад. Барои ҳамин худи Имоми Аъзам (р.ҳ.) дар ҳеҷ даврае вазифаи қозигиро напазируфт, зеро аз вазнинии масъулияти ин мақом ба хубӣ огоҳ буд ва аз ҷазои Худованди мутаъол сахт метарсид.

Бинобар ин, Имом Абуҳанифа (р.ҳ.) шогирдаш Абуъюсматро ба таҳқиқу баррасии ҳамаҷонибаи масоили додгоҳӣ (судӣ) пеш аз баровардани ҳукм насиҳат менамояд ва ӯро ба риояи адолат даъват мекунад.

* * *

Имоми Аъзам (р.ҳ.) дар насиҳате, ки ба ҷамъе аз шогирдонаш намудааст, нахуст самимияти қалбии хешро ба онҳо иброз дошта ва онҳоро ба ояндаи дурахшоне башорат додааст, Сипас раҳнамоиҳои худро дар заминаи фаъолиятҳои додгоҳӣ (судӣ) баровардани ҳукм ва қазоват идома додааст. Нахуст онҳоро ба Худованди баландмартаба ва ба он илме, ки Парвардигор барояшон иноят фармудааст, савганд медиҳад, ки мақому арзиши баланди илму донишро ҳамеша ҳифз намоянд ва онро ба хотири тамаъҳо ва молу дороии дунё, расидан ба мансабҳои идорӣ ва ё барои риояи хотири ҳокимон хор насозанд. Дар миёни худ ва корафтодагон монеъаҳои сунъӣ эҷод накунанд, балки намозҳои панҷвақтаро

ҳамеша бо ҷамоъат ва дар масҷид бигузоранд ва пас аз ҳар намозе дар миёни мардум эълон намоянд, ки касе ба онҳо коре дошта бошад, онҳо барои кӯмаки вай омодаанд.

Дар мачмӯъ ин ду насиҳати Имом Абуҳанифа (р.ҳ.) дастури муҳимме дар риштаи фаъолияти додгоҳӣ (судӣ) ва дар робита бо меъёрҳои ахлоқие мебошанд, ки ҳар корманди мақомоти додгоҳ (судӣ) ба он ниёз дорад ва дар рафти фаъолияти корӣ худ ба онҳо бояд пойбанд бошад.

* * *

Муҳимтарин дарс ва мӯҳтавое, ки дар сар то сари панду андарзҳо ва роҳнамоиҳои Имом Абуҳанифа (р.ҳ.) ба таври барҷаста бозтоб ёфтааст, он аст, ки ташаккули ҷавҳари шахсият ва тамоми кору фаъолияти инсон дар зиндагӣ бояд бар пояи имон ба Худованди мутаъол сурат гиранд ва ҳамаи арзишҳои эътиқодӣ, ҳаракатҳои илмӣ ва талошҳои амалии вай бар меҳвари шинохт ва бандагии Худо бичарханд. Ба ибораи дигар, дини Парвардигори бахшандаву меҳрубон бояд сарчашмаи илҳом, муайянсозандаи хатти фикриву эътиқодӣ ва ҷиҳатбахши фаъолияти ӯ дар зиндагӣ бошад.

Бинобар ин, Имом Абуҳанифа (р.ҳ.) ба омӯхтани илму дониш, фаро гирифтани асосҳои дини Ислом, тиловати бардавоми Қуръони карим, зикри Худованди мутаъол, барпо доштани намозҳо ва

ҳамин тавр ба барқарор намудани робитаи устувори бандагӣ бо Парвардигори баландмартаба зимни насиҳатҳояш таъкид намудааст ва дар шахси шогирдонаш аз тамоми мусалмонон хостааст, ки муносибатҳои гуногуни худро бо мардум ва ҷомеа дар асоси арзишҳои эътиқодӣ, меъёрҳои ахлоқӣ ва аҳкоми амалии дини Худо ба роҳ монанд.

Дини Ислом, умуман, маърифати Ҳақ ва имон ба Худоро меҳвари тамоми арзишҳои эътиқодӣ ва аҳкоми амалии худ қарор додааст ва тору пуди ҳаёти иҷтимоӣ, фарҳангӣ, иқтисодӣ, сиёсӣ ва ғайра инсонро ба сарнахи имони ба Худо ва ба рӯзи қиёмат гиреҳ задааст.

Хонандагони гиромӣ, инак матни насиҳатномаҳои Имом Абуҳанифаро ба тартиби боло пешкаши шумо менамоем, вале дар аввал дар бораи рӯзгор ва осори Имом Абуҳанифа ба таври мухтасар маълумот медиҳем.

Абдушарифи Боқизода

بسم الله الرحمن الرحيم

Хонадони Имоми Аъзам (р.ҳ.)

Имоми Аъзам, барҳақ, донаи поке буд, ки дар хоки поки Ислом кишт гардид ва ба дасти Парвардигори пок парвариш ёфт ва ҳосили поке бар ҷой гузошт, ки ҳамаро ба ҳайрат оварад. Ӯ воқеъан ҳам, дастмояи умри хонаводае буд, ки дар роҳи Худо рафт ва ба таъйиди фармудаи Қуръони карим ба сони донаи пок аз ҳосили умр ва баракоти илми эшон тамоми башарият баҳравар гардид.[1]

Вай дар хонаводаи наҷибзодаи тоҷик ва аз сулолаи озодагон ба дунё омадааст. Бино бар ривояти набераш Исмоил, Абуҳанифа (р.ҳ.) Нӯъмон писари Собит писари Нӯъмон писари Марзбон аст ва аз ҷумлаи наҷибзодагон ва озодагони қавми форс мебошад.

---

[1] Ишора ба ояти 261-уми сураи «Бақара» мебошад, он ҷо ки мефармояд: **«Намунаи онҳое, ки амволи худро дар роҳи Худо инфоқ ва харҷ менамоянд, ба монанди донаест, ки ҳафт хӯша рӯёнд (ва) дар ҳар хӯшаи он сад донай аст. Ва Худо барои касе бихоҳад, онро боз бештар мегардонад ва Худо кушодафазлу доно аст»**. Яъне касе молу дороии худро дар роҳи Худо инфоқ намояд, Худо баракот ва ҳосили онро ҳатто аз ҳафтсад баробар ҳам бештар мегардонад. Дастмояи умр ва талошҳои хайри инсон низ, вақте дар роҳи Худо бошанд, ҳамин баракоти Илоҳиро барои ӯ ва тамоми пайравонаш ба бор меоваранд. Имоми Аъзам (р.ҳ), воқеъан ҳам, исботи ин ваъдаи Худованд мебошад.

Чӣ тавре аз ном ва ё лақаби бобояш Марзбон бармеояд, аҷдоди ҳазрати Абуҳанифа (р.ҳ.) аз бузургон ва давлатмардони шаҳру диёри худ будаанд. Марзбон дар забони форсии тоҷикӣ ба маънои посбон ва ё сарвари дастаҳои посбони марзу буми кишвар ва ё роҳбар ва ҳокими минтақаҳои сарҳадӣ мебошад.

Ватани аслии аҷдоди Имоми Аъзам (р.ҳ.) бино бар асоси таҳқиқоти пажӯҳишгарон деҳаи Хоҷа Сайёрон мебошад, ки дар наздикиҳои маркази вилояти Парвон - шаҳраки Чоряккор, дар шимоли Кобул – пойтахти Афғонистон воқеъ гардидааст.[1]

Имоми Аъзам (р.ҳ.) дар хонадони яке аз бузургзодагони тоҷик ва форсизабон ба дунё омадааст. Вақте бобояш Нӯъмон, ки шояд ҳамон Зутое бошад, ки дар баъзе ривоятҳо ба ҷойи Нӯъмон омадааст ва ё падараш Собит ҳамроҳи хонаводааш ба шаҳри Куфа кӯч мебанданд, ба муҳити иҷтимоие ворид мегардад, ки ба маркази эҳёи исломӣ ва ҷунбиши фарогири илмӣ табдил ёфтааст.

Абуҳанифа (р.ҳ.) соли ҳаштодуми ҳичрии қамарӣ мутобиқ ба соли 699 ва ё 700-уми милодӣ дар чунин муҳити хонаводагӣ ва маркази илмӣ чашм ба ҷаҳони ҳастӣ кушудааст. Таваллуди эшон

---

[1] «Имоми Аъзам – Абуҳанифа (р.ҳ) ва афкори ӯ», таълифи Иноятуллоҳи Иблоғ, (тарҷимаи Фазлун миналлоҳи Фазлӣ), с. 26.

ба даврони хилофати Абдулмалик ибни Марвон рост меомад.

Падари Абуҳанифа (р.ҳ.) - Собит, чӣ тавре аз ривоятҳо бармеояд, илова бар наҷобати хонаводагӣ боз шахси фозил ва донишманд буд. Вақте ба ҳазрати Алӣ ибни Абутолиб (р.ҳ.) дар даврони хилофаташ дар Куфа мулоқот мекунад, аз эшон барои худ ва аҳли хонадонаш дуъои хайр ва баракат мехоҳад. Ҳазрати Алӣ ибни Абутолиб (р.ҳ.) дар ҳаққи онҳо дуъои хайр ва баракат менамояд. Набераи Имоми Аъзам (р.ҳ.) - Исмоил низ ба ин нукта ишора менамояд ва мефармояд: **«Умед дорам дуъои хайри Алӣ (р.ҳ.) дар ҳаққи бобоям - Абуҳанифа ва дигар аҳли хонадонамон қабул гардидааст»[1].**

Ҳарчанд дар бораи мансубияти наҷодӣ ва ному насаби модари Имом Абуҳанифа (р.ҳ.) маълумоти дақиқе дар даст нест, вале ӯ зани хирадманд, фозил ва дорои мақоми баланди илмӣ будааст. Чӣ тавре худи Имоми Аъзам (р.ҳ.) аз модараш нақл мекунад, он зани наҷибзода назари донишмандон ва фақеҳонро дар масоил ба хубӣ ташхис медод ва фикри ҳар муҷтаҳидеро қабул намекард.

Аз ин ҷо ба хубӣ маълум мегардад, ки хонадони Имом (р.ҳ.) ба яке аз марказҳои муҳимми илмӣ

---

[1] «Таърихи Бағдод», 313. «Вафаётул аъён», Ибни Халликон, ҷ. 3, с. 284.

Чӣ тавре аз ном ва ё лақаби бобояш Марзбон бармеояд, аҷдоди ҳазрати Абуҳанифа (р.ҳ.) аз бузургон ва давлатмардони шаҳру диёри худ будаанд. Марзбон дар забони форсии тоҷикӣ ба маънои посбон ва ё сарвари дастаҳои посбони марзу буми кишвар ва ё роҳбар ва ҳокими минтақаҳои сарҳадӣ мебошад.

Ватани аслии аҷдоди Имоми Аъзам (р.ҳ.) бино бар асоси таҳқиқоти пажӯҳишгарон деҳаи Хоҷа Сайёрон мебошад, ки дар наздикиҳои маркази вилояти Парвон - шаҳраки Чоряккор, дар шимоли Кобул – пойтахти Афғонистон воқеъ гардидааст.[1]

Имоми Аъзам (р.ҳ.) дар хонадони яке аз бузургзодагони тоҷик ва форсизабон ба дунё омадааст. Вақте бобояш Нӯъмон, ки шояд ҳамон Зутое бошад, ки дар баъзе ривоятҳо ба ҷойи Нӯъмон омадааст ва ё падараш Собит ҳамроҳи хонаводааш ба шаҳри Куфа кӯч мебанданд, ба муҳити иҷтимоие ворид мегардад, ки ба маркази эҳёи исломӣ ва ҷунбиши фарогири илмӣ табдил ёфтааст.

Абуҳанифа (р.ҳ.) соли ҳаштодуми ҳичрии қамарӣ мутобиқ ба соли 699 ва ё 700-уми милодӣ дар чунин муҳити хонаводагӣ ва маркази илмӣ чашм ба ҷаҳони ҳастӣ кушудааст. Таваллуди эшон

---

[1] «Имоми Аъзам – Абуҳанифа (р.ҳ) ва афкори ӯ», таълифи Иноятуллоҳи Иблоғ, (тарҷимаи Фазлун миналлоҳи Фазлӣ), с. 26.

ба даврони хилофати Абдулмалик ибни Марвон рост меомад.

Падари Абуҳанифа (р.ҳ.) - Собит, чӣ тавре аз ривоятҳо бармеояд, илова бар наҷобати хонаводагӣ боз шахси фозил ва донишманд буд. Вақте ба ҳазрати Алӣ ибни Абутолиб (р.ҳ.) дар даврони хилофаташ дар Куфа мулоқот мекунад, аз эшон барои худ ва аҳли хонадонаш дуъои хайр ва баракат мехоҳад. Ҳазрати Алӣ ибни Абутолиб (р.ҳ.) дар ҳаққи онҳо дуъои хайр ва баракат менамояд. Набераи Имоми Аъзам (р.ҳ.) - Исмоил низ ба ин нукта ишора менамояд ва мефармояд: **«Умед дорам дуъои хайри Алӣ (р.ҳ.) дар ҳаққи бобоям - Абуҳанифа ва дигар аҳли хонадонамон қабул гардидааст»[1].**

Ҳарчанд дар бораи мансубияти нажодӣ ва ному насаби модари Имом Абуҳанифа (р.ҳ.) маълумоти дақиқе дар даст нест, вале ӯ зани хирадманд, фозил ва дорои мақоми баланди илмӣ будааст. Чӣ тавре худи Имоми Аъзам (р.ҳ.) аз модараш нақл мекунад, он зани наҷибзода назари донишмандон ва фақеҳонро дар масоил ба хубӣ ташхис медод ва фикри ҳар муҷтаҳидеро қабул намекард.

Аз ин ҷо ба хубӣ маълум мегардад, ки хонадони Имом (р.ҳ.) ба яке аз марказҳои муҳимми илмӣ

---

[1] «Таърихи Бағдод», 313. «Вафаётул аъён», Ибни Халликон, ҷ. 3, с. 284.

табдил ёфта, муҳити мусоиди хонаводагие бароӣ парвариши истеъдодҳои шахсияти он марди бузурӣ ба вуҷуд омада буд. Падару модараш дар ташаккули шахсият ва ба камол расонидани нубуғи фикрӣ ва истеъдодҳои худододаи эшон нақши муҳимме бозидаанд.

Давраи касби илм ва камолот

Дар китобҳои таърих ва шарҳи ҳоле, ки дар бораи манокиб ва зиндагонии Имоми Аъзам (р.ҳ.) навишта шудаанд, омадааст, ки вай ҳанӯз дар синни хурдсолӣ, яъне пеш аз даҳсолагиаш, Қуръони каримро ҳифз намуда буд. Пас аз он ҳамроҳи падараш ҳам ба тиҷорат, дӯкондорӣ ва танзими корҳои дигар машғул мешуд ва ҳам ба ҳузури донишмандони маъруфи давр мерафт. Рӯзе дар аснои муъомилоти бозаргонӣ тобиъии машҳур - Имом Шаъбӣ (р.ҳ.) ӯро мебинад ва дар симои вай фаросати қавӣ ва нубуғи фитриеро мушоҳида менамояд.[1] Имом Шаъбӣ (р.ҳ.) аз вай мепурсад: **«Бо чӣ касоне нишасту бархост дорӣ? Абуҳанифа (р.ҳ.) мегӯяд: Машғули тиҷорат ҳастам ва ҳоло**

---

[1] Номи Имом Шаъбӣ (р.ҳ) Абуамр Оmир ибни Шароҳил мебошад. Вай соли 16-уми ҳичрӣ ба дунё омада, соли 104-уми ҳичрӣ дар синни ҳаштоду ҳафт ва ё ҳаштоду ҳаштсолагӣ дар шаҳри Куфа вафот кардааст. Шаъбӣ (р.ҳ) тобиъии машҳур мебошад.

қарор аст бо фалон одам вохӯрам». Имом Шаъбӣ (р.ҳ.) мегӯяд: **«Манзурам уламо ва донишмандон аст. Абуҳанифа (р.ҳ.) ҷавоб медиҳад, ки ба назди чунин одамоне камтар рафтуомад дорам».**

Имом Шаъбӣ (р.ҳ.) он гоҳ ба вай чунин насиҳат мекунад: **«Ман дар ту ҳушмандӣ ва пӯёиеро мебинам, ба назди уламо бирав ва ба фарогирии илму дониш бипардоз».**

Абуҳанифа (р.ҳ.) баъдҳо ин ҳодисаи таърихиро дар ҳаёти худ нақл карда мегӯяд: Насиҳатҳои Шаъбӣ (р.ҳ.) дар қалбам таъсири амиқе гузошт ва пас аз он ба омӯхтани илму дониш пардохтам ва дар ниҳоят Худованд бо баракати панду андарзҳои эшон муваффақиятҳои зиёдеро дар ин замина насиби ман гардонид.

Вале пеш аз ин ҳодисаи сарнавиштсоз дар ҳаёти Абуҳанифа (р.ҳ.) вай барномаи маъмулии ҳалқаҳои дарсӣ ва илмҳои роиҷи он рӯзгорро, ба монанди сарфу наҳв, ҳадис, тафсир, адаб ва ғайра ба андозаи зарурӣ фаро гирифта буд.

Имоми Аъзам (р.ҳ.) пас аз насиҳатҳои Шаъбӣ (р.ҳ.) ба фарогирии фалсафаи исломӣ ва ҳикмати шаръ ва ҳамин тавр, ба ҳимоя аз ҳавзаи эътиқодоти динӣ пардохт. Вай пас аз муддате дар ин фан, ки ба илми мунозара ва калом шӯҳрат ёфта буд, саромади уламои он замон гардид ва ба яке аз забардасттарин файласуфони ҷаҳони Ислом табдил ёфт.

Имоми Аъзам (р.ҳ.) барои исботи ҳақиқатҳои динӣ ва арзишҳои имонии Ислом бо далелҳои мантиқӣ ва бароҳини ақлӣ бо тоифаҳои бероҳгашта, ба монанди хаворичҷ, мӯътазила ва ғайра ба мубоҳиса мепардохт ва мавқеъи нодурусти онҳоро дар ҳар мавриде барояшон равшан месохт. Вай барои ҳидояти тоифаи хаворичҷ зиёда аз бист бор вориди шаҳри Басра гардид ва ҳар боре аз шаш моҳ то як сол ва ё бештар аз он дар он ҷо боқӣ монд. Бояд гуфт, ки шаҳри Басра дар он давра ба маркази доғи гурӯҳҳои гуногуни тоифаи хаворичҷ табдил ёфта буд.

Илми калом ва ё илми усули дин илмест, ки аз тариқи бурҳонҳои илмӣ ва далоили мантиқӣ ҳастӣ, ягонагӣ ва сифоти Ҳақ таъолоро барои дигарон исбот менамояд ва шубҳаҳои эшонро дар ин бора рафъ месозад.[1] Ин илм аслан барои ҳимояи арзишҳои эътиқодӣ ва ҳифзи мафҳумҳои волои

---

[1] Бояд донист, ки аз тариқи бурҳонҳои илмӣ ва далоили мантиқӣ танҳо ба ҳастӣ, ягонагӣ ва дорои сифатҳое будани Худои таъоло ва ҳамчунин ба воқеъият доштани рӯзи қиёмат метавон пай бурд, вале онҳо дар баёни чигунагии сифот ва зоти Худованд ва чигунагии аҳволи рӯзи қиёмат дахле карда наметавонанд. Зарфиятҳои зеҳнии инсон то ҳамин нуқта метавонанд бирасанд ва аз ин ба баъд сухани дин таъйинкунанда мебошад. Сухани Мавлоно ба ҳамин нукта равона шудааст, он ҷо ки мефармояд:

Пойи истидлолиён чӯбин бувад,
Пойи чӯбин сахт бетамкин бувад.

имонӣ аз тариқи мубоҳисаҳои фалсафӣ ва далелҳои мантиқӣ ба вуҷуд омадааст ва Имом Абуҳанифа (р.ҳ.) ба ҳақ, аввалин муассиси ин илм ва ба ибораи дигар, поягузори фалсафаи исломӣ ба шумор меравад.

Пас аз пешравиҳои зиёд ва зуди мусалмонон қавмҳо ва миллатҳои гуногун бо тамаддунҳои мухталифи худ вориди ойини нав гардида буданд ва ҳанӯз ақлонияти қисми зиёде аз онҳо дар зери таъсири андешаҳои қаблии хеш қарор дошт. Баъзе аз онҳо дар натиҷаи қиёсҳои нодуруст ва таҳлили ҳақиқатҳои динӣ бар пояи мафҳумҳои ноқиси фалсафаи бостон ва меъёрҳои нокофии тамаддунҳои гузашта дар дарки ҳақиқатҳои динӣ ва арзишҳои имонӣ ба иштибоҳ афтода, ҷараёнҳои мунҳарифшудаи фикриеро ба вуҷуд оварда буданд.

Бинобар ин, пайдоиши илми калом барои рафъи иштибоҳоти ҳамин гуна одамон ва ба роҳи дуруст ҳидоят намудани андешаи солими ҷомеъа яке аз заруратҳои вақт ба шумор мерафт. Имоми Аъзам (р.ҳ.) ин воқеъияти иҷтимоӣ ва вазъияти ҳассоси фикриро хуб дарк карда, ба гузоштани пояҳои асили фалсафаи исломӣ пардохт ва пас аз баррасии далелҳои Қуръони маҷид ва суннати набавӣ дар посухи иштибоҳоти ба вуҷудомада аз далелҳои мантиқӣ ва бурҳонҳои фалсафӣ ба таври васеъ истифода мекард.

Имоми Аъзам (р.ҳ.) ин равиши фалсафӣ ва андешаи илмиро дуруст бар асоси иршодоти қуръонӣ ва ҳадисҳои набавӣ поягузорӣ намуда буд. Вай ин корро дар замоне анҷом дод, ки ҳанӯз тарҷимаи андешаҳои фалсафии Юнон ба забони арабӣ шурӯъ нагашта буд.

Имом Абуҳанифа (р.ҳ.) илова бар маҳфилҳои илмӣ ва мубоҳисаҳои фалсафие (каломие), ки бо намояндагони он гурӯҳҳо дар шаҳрҳои гуногун анҷом медод, дар масҷиди ҷомеъи Куфа ҳалқаи дарси илми калом, яъне мактаби фикрӣ ва фалсафии худро низ дошт ва ӯ дар ин давра ҳанӯз ба синни бистсолагӣ нарасида буд. Донишҷӯён ва алоқамандони усули дин бо шавқи фаровоне дар дарсҳои Имоми Аъзам (р.ҳ.) ҳузур меёфтанд.

Вай бо далелҳои фалсафӣ ва бурҳонҳои ақлӣ ҳаққонияти паёмҳои Қуръони карим ва ҳақиқатҳои эътиқодиро барои он гурӯҳҳо собит месохт ва онҳоро ба ҳақ будани мавқеи эътиқодии аҳли суннат қонеъ мекард ва дар ин кор аз меъёрҳои шаръ ва асосҳои дин берун намерафт. Китоби **«Фиқҳи акбар»,** ки навиштаи худи Имоми Аъзам (р.ҳ.) аст, бузургтарин шоҳид барои ин воқеъият мебошад. Вай дар ин китоб усули эътиқодӣ ва рукнҳои имонро бар асоси равиши аҳли суннат ва ҷамоат баён карда, аввалин бор мактаби ақида-шиносиро дар Ислом поягузорӣ намудааст.

Ин файласуфи нобиға ва саромади донишмандон пас аз муддате ба хулосае омад, ки ин кафкҳои андешаҳои пуч ва нобасомониҳои фикрӣ рӯзе канор мераванд ва таърих ҳақиқатҳоро дар ҷойи худ мегузорад. Бояд барои мардум асолати ҳақро баён кард ва кохи илму фарҳангро ба гунае сохт, ки тамоми ин пучиҳо ва бероҳагиҳоро якбора барҳам занад. Он чиз бинои арзишҳои амалии Ислом ва рехтани пояи ҳукукҳои шаръ мебошад. Пас аз он ба омӯзиши ҳаматарафаи илми фиқҳ, поягузории риштаи ҳукук ва аввалин мактаби фиқҳӣ дар Ислом оғоз намуд.

Абуҳанифа (р.ҳ.) пас аз интихоби барномаи нави илмӣ ба ҳалқаи дарси Ҳаммод ибни Абусулаймон, ки дар масҷиди ҷомеъи Куфа баргузор мегардид, пайваст ва муддати ҳаждаҳ сол, яъне то замони вафоти устодаш Ҳаммод (р.ҳ.) дар соли 119 ва ё 120-уми ҳичрии қамарӣ ӯро ҳамроҳӣ намуд. Пас аз вафоти Ҳаммод (р.ҳ.) Абуҳанифа (р.ҳ.) риштаи тадрисро дар ҳалқаи устодаш ба даст гирифт ва доништалабони зиёде ба ҳалқаи вай пайвастанд.

Абуҳанифа (р.ҳ.) пас аз тарбияи насле аз шогирдони забардаст, ба монанди Абуюсуф Яъқуб ибни Иброҳим, Муҳаммммад ибни Ҳасани Шайбонӣ, Зуфар ибни Ҳузайл, Ҳасан ибни Зиёд ва дигарон ба таъсиси мактаби фиқҳ ва бунёдгузории риштаи ҳукук иқдом намуд. Ҷараёни таъсиси пояҳои

мактаб, мавзӯъбандии аҳком ва китобати масоили фиқҳ тақрибан муддати бисту ду сол идома ёфт. Имоми Аъзам (р.ҳ.) ва шогирдони забардасташ дар ин муддат бештар аз ҳаштоду ду ҳазор (82 000) ва ба қавле бештар аз панҷсад ҳазор (500 000) масъала ва аҳкоми шаръиро баррасӣ ва ба шакли қонунҳо мавзӯъбандӣ *(кодификатсия)* ва тадвин намуданд.

Дар бораи равиши кори Имоми Аъзам (р.ҳ.) дар баррасии масоил ва муҳокимаи аҳком ва ҳамчунин мушорикати фаъоли шогирдонаш дар таҳқиқ ва тадвини мавзӯъоти фиқҳ дар муқаддимаи китоби **«Фиқҳи исломӣ бар асоси мазҳаби ҳанафӣ»** гузориши муфассале додаем ва алоқамандону шавқмандон метавонанд ба он мурочиат намоянд.

Вафоти Имоми Аъзам (р.ҳ.)

Саранҷом, пас аз умре кӯшишу талош дар роҳи илму маърифат ва эҳёи арзишҳои дини Ислом, Абуҷаъфари Мансур, яке аз халифаҳои аббосӣ Имоми Аъхзам (р.ҳ.) -ро ба шаҳри Бағдод ба назди худ даъват ва мансаби қозигиро ба ӯ пешниҳод кард. Мансур мехост бо ин кор таъйиди Имом Абуҳанифа (р.ҳ.) -ро барои хушунатҳои ичтимоӣ ва иқдомоти сиёсие, ки дар хилофати худ анҷом медод, ба даст оварад ва даҳони ӯро аз ифшои ҳақ ва баёни ноадлиҳои хулафои аббосӣ бибандад, вале

Абуҳанифа (р.ҳ.) дархости халифаро бо қотеъият рад кард ва он мақомро напазируфт.

Мансур пас аз мушоҳидаи мавқеъи қотеъи Имом Абуҳанифа (р.ҳ.) ӯро ба зиндон андохт ва пас аз ранҷу шиканҷаи бисёр соли 150 ҳичрӣ ба василаи коргузорони зиндон дар таъомаш заҳр андохт ва ӯро масмум сохт. Имом Абуҳанифа (р.ҳ.) вақте таъсири заҳрро дар худ ҳис кард, сар ба саҷдаи Худо ниҳод ва дар синни ҳафтодсолагӣ дар ҳоли саҷда ба Ҳақ пайваст.

Вақте мардум хабари вафоти ӯро шуниданд, гурӯҳ-гурӯҳ ва фавҷ-фавҷ ба ҷанозаи вай омаданд. Ҳасан ибни Умора – яке аз устодони Абуҳанифа (р.ҳ.) , ҷасади муборакашро ғусл дод ва фармуд: **«Худо туро раҳмат ва омурзиш намояд. Ба Худо савганд, ки ту бузургтарин фақеҳ, худопараст ва дорои тамоми сифоти ҳамида будӣ!».**

Ҳасан ибни Умора нахустин бор намози ҷанозаи Имом Абуҳанифаро хонд, ки ҳудуди панҷоҳ ҳазор одам дар он ширкат дошт. Ҳамин тавр, шаш бор бар вай намоз гузоштанд, ки навбати охир ҳамроҳи писараш Ҳаммод гузорида шуд. Ҷолиб он аст, ки Мансури халифа низ дар ҷанозаи Имоми Аъзам (р.ҳ.) ширкат кард ва бар вай намоз гузорид.

Имом Абуҳанифа (р.ҳ.) васият карда буд, ки ӯро дар оромгоҳи Хайзарон, дар шарқи Бағдод ба хок супоранд. Мардум бо сӯзу гиря ҳангоми намози аср

ӯро ба хок супориданд ва муддати бист рӯз меомаданд ва бар қабри вай намоз мегузориданд.[1]

Дар шаҳри Бағдод он хиёбон ва маҳалле, ки оромгоҳи Имоми Аъзам (р.ҳ.) дар он воқеъ гардидааст, имрӯз бо **«Ҳаййи Аъзамия»,** яъне хиёбон ва ё маҳаллаи Имоми Аъзам маъруф мебошад.



[1] «Абуҳанифа Нӯъмон имоми имомон», Ваҳбӣ Сулаймони Ғовҷӣ, с. 366. Ба нақл аз «Маноқиб…»-и Муваффақи Маккӣ.

بِسْمِ اللّٰهِ الرَّحْمٰنِ الرَّحِيْمِ

1. Насиҳатномаи Имоми Аъзам (р.ҳ.) ба Абуюсуф Яъқуб ибни Иброҳим

Абуюсуф – бузургтарин шогирди Имоми Аъзам (р.ҳ.)

Имом Абуюсуф Яъқуб ибни Иброҳим (р.ҳ.) соли 113-уми ҳичрии қамарӣ *(мутобиқ ба соли 732-юми мелодӣ)* дар шаҳри Куфаи сарзамини Ироқ ба дунё омада, соли 182-юми ҳичрӣ *(мутобиқ ба соли 799-уми мклодӣ)* дар синни 69-солагӣ дар шаҳри Бағдод вафот намудааст. Вай бештар аз ҳаждаҳ сол дар назди Имоми Аъзам (р.ҳ.) таҳсил намуда ва бузургтарин шогирди эшон ба шумор меравад.

Имом Абуюсуф (р.ҳ.) аз соли 166-уми ҳичрии қамарӣ то рӯзи вафоташ, яъне дар давраи се халифаи аббосӣ: Маҳдӣ, Ҳодӣ ва Ҳорунаррашид ба ҳайси қозӣ кор кардааст. Дар замони Ҳорунаррашид қозиюлқузот, яъне саркозии тамоми кишвари паҳновари исломӣ таъйин гардид.

Бузургоне чун Имом Аҳмад, Аҳмад ибни Манбаъ, Асад ибни Фурот – тадвинкунандаи мазҳаби Имом Молик, Исмоъил ибни Ҳаммод, Алӣ ибни Мадинӣ – яке аз устодони Имом Бухорӣ,

Фузайл ибни Иёз, Имом Муҳаммад, Вакиъ ибни Ҷарроҳ – устоди дигари Имом Бухорӣ, Ҳишом ибни Абдулмалик, Абулвалиди Таёлисӣ, Ҳилол ибни Яҳё ибни Одам, Яҳё ибни Маъин ва дигарон муддате дар пеши ӯ таҳсили илм намудаанд.

Имом Аҳмади Ҳанбал (р.ҳ.) дар ин бора мегӯяд: **«Аввалин боре, ки дар талаби (илми) ҳадис баромадам, ба назди Қозӣ Абуюсуф рафтам».**[1]

Имом Абуҳанифа (р.ҳ.) ин шогирди шоистаи худро ҳамеша мавриди навозишҳои падарона ва насиҳатҳои хайрхоҳонаи худ қарор медод ва ӯро зина ба зина барои масъулияти азиме дар ояндаи уммати Ислом омода месохт. Вай дар яке аз насиҳатҳои ҷомеаш ба ӯ мефармояд:

Дар баёни чигунагии муносибат бо подшоҳ

1. Эй Яъқуб, ба подшоҳ ва ҳокими вақт эҳтиром бигузор ва шахсияти ӯро бузург дор ва дар ҳузури вай дурӯғ нагӯ.

2. То туро барои муҳимми илмие фаро нахонад, ҳама вақт ва дар ҳар ҳолат ба назди вай нарав, зеро агар рафтуомади ту ба назди вай бисёр шавад, туро ҳақир шуморад ва дар чашми ӯ хор гардӣ ва ҳеҷ арзише дар назди вай бароят боқӣ намонад. Бархӯрд ва муносибати ту бо вай ҳамчуноне

---

[1] «Таърихи Бағдод», ҷ. 4, с. 255. Ба нақл аз китоби «Имоми Аъзам Абуҳанифа Нӯъмон», д. Мустафо Шакъа, с. 209.

бошад, ки бо оташ аст, ҳам аз вай *(дар пешбурди ҳадафҳои бузургат)* истифода кун ва ҳам аз хатари вай худро дур нигаҳ дор. Ба вай (аз ҳад) наздик нашав, ки месӯзӣ, зеро султон (табиъатан) он арзишеро, ки барои худ қоил мебошад, (ҳеҷ гоҳ) барои дигарон қоил нест.

3. Ҳеҷ гоҳ дар назди ҳоким пурҳарфӣ ва пургӯйӣ накун, зеро вай барои он ки худашро дар пеши атрофиёнаш аз ту донотар ва олимтар нишон диҳад, аз суханони ту бемаврид интиқод мегирад ва (гуфтори) туро хато мешуморад ва ту дар натиҷа дар чашми атрофиёнаш ҳақир ва беарзиш мегардӣ.

4. Вақте ба назди подшоҳ рафтӣ, қадру манзалати худ ва дигаронро бишинос.

5. Вақте дидӣ аз аҳли илм касе дар назди вай аст, ки ӯро намешиносӣ, дар он ҳолат ба назди вай дохил нашав, зеро агар аз он шахс дар илму манзалат поёнтар бошӣ ва худро нохост аз вай боло гирӣ, вай ба ту осеб мерасонад, вале агар ту аз вай дар илму фазл бартар бошӣ ва нохост дар назди вай паст шавӣ, дар он сурат дар чашми султон хору бекадр мегардӣ.

6. Агар подшоҳ вазифаеро ба ту пешниҳод кард, то надонӣ, ки вай бо ту дар масоили илмӣ ва эътиқодӣ ҳамақида ва ҳамназар аст, онро напазир, то ба анҷом додани аъмол ва баровардани ҳукмҳое бар хилофи ақида ва андешаи худ мачбур нагардӣ.

7. Ба атрофиён ва дӯстони подшоҳ ҳеҷ гоҳ робита барқарор насоз ва кӯшиш кун, ки робитаи ту танҳо бо худи ӯ бошад.

8. Ҳамеша кӯшиш кун, ки аз атрофиёнаш дур бошӣ, то арзиш ва ҳайсияти ту маҳфуз бимонад.

Дар баёни чигунагии муносибат бо мардум ва дигар меъёрҳои ахлоқӣ дар ҷомеа

9. Дар байни мардуми авом ба ҷуз он чи ки пурсида мешавӣ, сухане нагӯ!

10. Ба хусус дар бораи муомилот ва корҳои тиҷоратӣ, ҳеҷ гоҳ дар пеши мардуми авом чизе нагӯ, ҷуз дар бораи он чи ки ба илм вобастагӣ дорад, то гумон накунанд, ки ба моли онҳо чашм дӯхтаӣ. Зеро онҳо ба ту бадгумон мешаванд ва фикр мекунанд, ки ба гирифтани ришва майл дорӣ.

11. Дар байни мардуми авом наханд.

12. Аз ҳад зиёд ба бозор нарав.

13. Бо наврасоне, ки ба синни балоғат расидаанд, гуфтугӯ накун, зеро онҳо мояи фитна ҳастанд, аммо агар бо кӯдакони хурдсол сӯҳбат намоӣ ва бар сарашон дасти шафқат бимолӣ, боке надорад.

14. Бо бузургсолон ва мӯйсафедон якҷоя роҳ нарав[1], зеро агар онҳоро аз худ муқаддам дорӣ, яъне пеш гузаронӣ, ин кор ба илмат хорӣ ва латма оварад ва агар худат аз онҳо пеш гузарӣ, ин кор ба шаъни ту лоиқ набошад, чунки онҳо дар синну сол аз ту бузургтаранд ва Паёмбари акрам (с) дар ин мавриди фармудааст: **«Касе ба калонсолони мо эҳтиром нагузорад ва ба хурдсолони мо раҳму шафқат накунад, аз мо нест»**.

15. Ҳеҷ гоҳ бар сари роҳ нанишин ва агар маҷбур шудӣ, ки дар берун бинишинӣ, пас дар масҷид бинишин.

16. Дар дӯконҳо нанишин.

17. Дар бозорҳо ва дар масҷид чизе нахӯр.

18. Аз обҳое, ки бар сари роҳҳо гузошта шудаанд ва ҳамчунин аз дасти касоне, ки бар сари роҳҳо истодаанд ва ба мардум об медиҳанд (саққоҳои сари роҳ), об нанӯш.

19. Ҳаргиз либоси дебо, зевар ва навъҳои гуногуни абрешимиро напӯш, зеро истифодаи ин чизҳо туро нозпарвард, камбардошт ва аблаҳ месозад.

---

[1] Бо калонсолон ва мӯйсафедон якҷоя роҳ рафтан шаръан мамнӯъият ва боке надорад, вале шахси хирадмандро хуб аст, ки аз чунин ҳолатҳое дурӣ гузинад.

Дар баёни чигунагии муносибат бо ҳамсар ва бунёди хонавода

20. Дар бистари хоб бо ҳамсарат зиёд пургӯй ва пурҳарфӣ накун, магар ба андозаи зарурат ва дар вақти ҳочат.[1]

21. Бо вай аз ҳад зиёд ба бӯсу канор ва дастбозӣ машғул нашав. [2]

22. Ҷуз бо ёди номи Худо ва талаби хайр бо вай ҳамбистарӣ накун.

23. Дар пеши вай дар бораи занҳо ва канизакҳои дигар сухан нагӯй, зеро вай дигар бепарво гашта, (дар пеши ту) аз мардони бегона сӯҳбат мекунад (ва туро шояд аз он нохуш ояд).

24. То метавонӣ бо зани шавҳардида, бо зане, ки падару модараш зинда ҳастанд ва бо зане, ки аз шавҳари пешинааш фарзанд дошта бошад, хонадор нашав, магар ба шарте, ки ин хешовандони зан ба хонаат рафтуомади зиёде надошта бошанд, *(то онҳо сабабгори барҳам хӯрдани фазои гарми хонаводаат нагарданд)*, ба хусус, вақте вай зани

---

[1] Пургӯй кардан ва ба суханони беҳуда машғул шудан аслан дар ҳеҷ мавриде хуб намебошад ва аз назари шаръ мавриди накӯҳиш қарор гирифтааст.

[2] Бӯсу канор ва наздикӣ бо ҳамсари худ шаръан мамнӯъияте надорад, вале одам бояд дар ин кор низ ҳадду андозаеро нигаҳ дорад, ба хусус, вақте аҳли илм ва донишманд бошад, магар ба андозаи рафъи ниёзи ҷинсӣ ва зарурат, то вақти қиматашро дар ин кор зиёд аз даст надиҳад.

сарватманд бошад, зеро падараш даъво мекунад, ки инҳо ҳама моли ӯ ҳастанд, ки ба амонат дар назди духтараш гузоштааст *(ва ин кор фазои меҳру муҳаббати хонаводагиро тира месозад)*.[1]

25. То метавонӣ рафтуомадро ба хонаи падару модари ҳамсарат, яъне хусуру хушдоманат камтар кун. *(Магар ба он андозае, ки заруратҳои шаръӣ ва силаи раҳм барқарор шавад)*.

26. Мабодо бо ҳамсарат дар хонаи падару модараш зиндагӣ кунӣ, чунки онҳо дар ин ҳолат молу дороиятро тасарруф хоҳанд кард ва ҳамеша ба дастовардҳои ту дар зиндагӣ чашми тамаъ хоҳанд дӯхт ва ҳамсарат низ дигар бо майлу хоҳиши ту рафтор нахоҳад кард.

27. Ҳаргиз бо зани серфарзанд, яъне зане, ки аз шавҳари пештарааш фарзанди зиёд дорад, хонадор нашав, зеро вай тамоми молатро барои онҳо захира хоҳад кард ва аз моли ту дуздида ба ниёзҳои онҳо сарф мекунад, зеро фарзандонаш дар назари вай аз ту азизтаранд.

28. Вақте ду зан дошта бошӣ, ҳеҷ гоҳ онҳоро дар як хона ҷамъ насоз.

---

[1] Издивоҷ бо чунин заноне шаръан мамнӯъ намебошад, вале фазои гарми хонаводагӣ дар ин ҳолатҳо камтар ба вуҷуд меояд ва эҳтимоли фурӯ пошидани чунин оилаҳо хеле зиёд аст. Бинобар ин, ин тавсияҳои Имом (р.ҳ) ҷанбаи эҳтиётӣ доранд ва нисбат ба хонаводаҳои зиёде рост меоянд, вале онҳо ҷанбаи умумӣ надорад.

29. То аз худ бовар надошта бошӣ, ки аз ӯҳдаи тамоми эҳтиёҷот ва мушкилоти зиндагӣ баромада метавонӣ, яъне пеш аз таъмини ниёзҳои зиндагӣ зан нагир.

30. Аввал, дар унфувони ҷавонӣ, ки хотири ҷамъ ва қалби фориғ дорӣ ва ҳанӯз зеҳн ва хотират ба аҳлу аёли бисёр машғул ва мушавваш нагаштааст, илм биомӯз. Он гоҳ аз роҳҳои дуруст ва касби ҳалол мол ба даст овар ва пас аз он зан бигир. Зеро агар дар вақти талаби илм ба фикри ҷамъи мол биафтӣ, молу сарват туро ба зиндагии пурайшу нӯш бикашонад ва дар натиҷа аз талаби илм оҷиз гардӣ.

Агар дар давраи таҳсили илм ба фикри зангирӣ биафтӣ, ниёзҳои зиндагӣ ва аҳлу аёл туро ба кору фаъолияти меҳнатӣ мачбур созанд ва дар натиҷа мачбур мешавӣ, ки касби илмро тарк намоӣ.

Дар баёни тақво ва муносибат бо мардум

31. Ҳамеша тақворо пеша кун ва амонатро ба соҳибаш баргардон.

32. Ва барои тамоми мардум: хосу ом хайрхоҳ бош.

33. Мардумро ночиз ва ҳақир нашумор, балки ба онҳо эҳтиром бигузор ва ба онҳо аз ҳад зиёд махлут нашав, магар вақте онҳо нишасту бархости бештарро бо ту бихоҳанд. Дар вақти ҳамнишинӣ

бо мардуми авом кӯшиш кун ҳарчи бештар аз масоили шаръӣ сухан бигӯӣ. Пас онҳое, ки аз аҳли илм ҳастанд, ба илм машғул мешаванд ва онҳое, ки аҳли илм нестанд, аз ту дурӣ мегузинанд.

34. Мабодо масоили диниро бо мардуми авом ба равиши илми калом *(ва мафҳумҳои фалсафӣ)* матраҳ намоӣ! Зеро онҳо (дар ҳама чиз) аз ту пайравӣ ва тақлид менамоянд. Пас ба он машғул хоҳанд шуд *(ва ҷуз дарди сар ҳеҷ фоидае ҳосил нахоҳанд кард)*.

35. Агар касе барои пурсидани масоили шаръӣ ба назди ту омад, ба ӯ танҳо дар бораи саволе, ки аз ту пурсидааст, ҷавоб бидеҳ ва дигар масоилро ба он ҳамроҳ нагардон, зеро *(қобилияти тафаккур ва таҳлилҳои ақлии мардуми авом хеле суст аст)* дар натиҷа зеҳнаш мушавваш мегардад ва дигар ҷавоби саволи худро ҳам наметавонад бифаҳмад.

36. Агар даҳ сол ҳам бе касб ва қути зиндагӣ бимонӣ, аз илм рӯй нагардон! Зеро илм зикри Худо аст ва вақте аз илм рӯй гардонӣ, ба зиндагии танг ва сиёҳрӯзӣ мубтало мегардӣ. Худованд мефармояд: **«Касе аз зикри Ман рӯй гардонад, барояш зиндагии танге бошад ва рӯзи қиёмат ӯро кӯр ва нобино маҳшур менамоем».**[1]

---

[1] Сураи «Тоҳо», 20: 124.

37. Бо шогирдонат ба монанди фарзанд бо меҳру муҳаббат рафтор бикун, ин кор рағбати онҳоро ба касби илм бештар мегардонад.

38. Агар шахси оммӣ ва кӯчагӣ дар бораи чизе бо ту мунозара намояд, бо вай баҳсу мунозара накун, чунки вай обрӯи туро мерезонад.

39. Дар гуфтани сухани ҳақ аз касе андеша ва бим надошта бош, ҳарчанд дар пеши подшоҳи замон ҳам бошад.

40. Дар анҷоми ибодатҳо ҳамеша кӯшиш кун, ки аз дигарон муқаддам ва пешсаф бошӣ ва аз онҳо бештар ибодат кунӣ! Зеро мардуми авом вақте бинанд, ки ба ибодат дилбастагӣ ва алоқае надорӣ, нисбат ба ту бадгумон мешаванд ва ин кори ту рағбати онҳоро низ дар ибодат коста мегардонад ва фикр мекунанд, ки ҳамон ҷаҳлашон аз илми ту барояшон беҳтар аст, зеро аз ҳарду баҳрае намебаранд.

41. Агар ба шаҳре дохил шавӣ ва ё дар минтақае зиндагӣ дошта бошӣ, ки дар он ҷо ғайр аз ту дигар аҳли илм низ вуҷуд дошта бошанд, онро ҳавзаи нуфузи танҳо худ қарор надеҳ ва худро дар он ҷо яккатози майдони илм ба шумор наовар, балки ба монанди яке аз онҳо бош, то мутмаин гарданд, ки ту қасди гирифтани ҷой ва костани шаъни онҳоро надорӣ. Вагарна ҳама бар зидди ту мешӯранд ва равиши эътиқодӣ ва мазҳабатро мавриди иҳонат қарор медиҳанд ва оммаи мардум низ бар зидди ту

шаванд ва бо назари нафрат ба ту бинигаранд ва саранҷом, беҳуда ва бе ҳеҷ фоидае дар назди онҳо хору накӯҳида гардӣ.

42. Дар чунин мавқеияте *(ки ғайр аз ту уламои дигаре низ дар минтақа вуҷуд доранд)*, ҳарчанд дар баъзе масоил аз ту назар ва фатво хоҳанд ҳам, фатво надеҳ ва ҳеҷ гоҳ бо онҳо дар масоили матраҳгардида ба баҳсу мунозара напардоз.

43. Ҳеҷ чизеро ҷуз бо далели равшан (ва баёни қотеъ) ба онҳо нагӯ.

44. Ҳаргиз ба устодон ва шахсиятҳои мавриди эҳтироми онҳо таън нарасон *(ва ба онҳо носазо нагӯ)*, чунки дар он сурат онҳо низ нисбат ба ту айбҷӯӣ кунанд ва ба ту носазо гӯянд. Худованд дар ин бора мефармояд: **«Ва ба он (худоён ва бутҳое, ки) ғайр аз Худо мехонанд, носазо нагӯед, то онҳо (низ баръакс) аз рӯи душманӣ (бо шумо ва аз ҳад гузаштагӣ) ва бар беилмӣ Худоро носазо нагӯянд».**[1]

45. Дар бархӯрд ва муносибатҳои худ бо мардум комилан боэҳтиёт бош.

46. Бо Худо дар ниҳону ошкор ва дар танҳоӣ ва чашми мардум як хел бош, чунки салоҳи амри олим ва самараи илмаш вақте ошкор мегардад, ки дар ниҳону ошкори худ яксон бошад.

47. Агар подшоҳ ва ҳокими вақт вазифаи муносиберо ба шаъни ту бароят вогузор намояд

---

[1] Сураи Анъом, 6: 108.

ҳам, онро аз вай напазир, магар вақте бидонӣ, ки агар ту онро напазирӣ, одами нолоиқе онро хоҳад пазируфт ва дар натиҷа ба мардум зарар хоҳад расид ва он ҳам пас аз он ки бидонӣ, ки он вазифаро ба хотири илмат ба ту вогузор намудааст.

48. Дар мачлиси мунозара ва баррасии масоил ҳеҷ гоҳ бо тарсу ларз сухан нагӯ, зеро ин ҳолат зеҳнро парешон мегардонад ва дар забон лакнат ва нотавонӣ ба вуҷуд меоварад.

49. Аз хандаи бисёр парҳез намо, чунки он дилро мемиронад.

50. Аз нишасту бархост ва гуфтугӯи зиёд бо занон ба куллӣ дурӣ гузин, зеро он низ дилро пажмурда месозад.

51. Бо виқору оромӣ ва матонат *(ғайри сархушона ва бетакаббур)* роҳ бирав ва дар корҳо шитобзада набош.

52. Агар касе туро аз пушт садо кунад, ӯро ҷавоб надеҳ, зеро аз пушти сар танҳо ҳайвонотро садо мекунанд.

53. Вақте *(бо касе ва ё дар мачлисе)* сухан гуфтӣ, садоятро баланд накун ва сару садо сар надеҳ.

54. Ба оромиву виқор ва маъмулан кам дасту бозу задан одат намо, то арзиш ва мақоми устувори ту дар назди мардум собит гардад.

55. Зикри Худои таъолоро дар байни мардум бисёр кун, то дар ин кор барои онҳо намуна ва сармашқе бошӣ ва аз ту онро биомӯзанд.

56. Пас аз намозҳо барои худ вирде *(вақте барои зикр)* муайян кун, то дар он ба тиловати Қуръон, ба зикри Худои таъоло ва ба шукри сабру шикебоӣ ва он неъматҳои фаровоне, ки ба ту бахшидааст, бипардозӣ!

57. Ҳар моҳ чанд рӯзеро барои гирифтани рӯза ҷудо кун, то дигарон аз ту дар ин кор пайравӣ намоянд *(ва дар зиндагӣ барои онҳо сармашқе бошӣ)* ва ҳаргиз ба он миқдор ибодате, ки мардуми авом анҷом медиҳанд, иктифо накун.

58. Ҳамеша бар нафси худ муроқиб ва назоратгар бош ва илмро ҳифз ва посдорӣ намо, то дар дунё ва охиратат аз он баҳравар гардӣ.

59. Худат ба хариду фурӯш машғул нашав, балки шахси кордон ва босалоҳиятеро, ки ба вай эътимод дошта бошӣ, барои анҷоми корҳоят баргузин *(то виқору шукӯҳи ту дар чашми мардум ҳамон тавр рафеъ боқӣ бимонад ва вақтҳоят низ дар пайи ин корҳо зоеъ нагардад)*.

60. Ҳеҷ гоҳ ба дунё ва он чи дорӣ, мутмаин ва ҳамчунин, аз *(тадбири неки онҳо)* бепарво набош, чунки Худованди мутаъол туро аз ҳамаи он хоҳад пурсид.

61. Ҳеҷ гоҳ ғуломи бериш нахар.

62. Дар пеши мардум аз наздикӣ ва наздикии хеш ба дарбори ҳокимон изҳор накун, ҳарчанд дар воқеъ, чунин ҳам бошад, зеро мардум барои рафъи ниёзҳояшон туро дар назди онҳо васила қарор

медиҳанд. Агар барояшон восита шавӣ, дар назди султон беқадр мешавӣ ва агар онро ба ӯҳда нагирӣ, ба ту бадгумон мешаванд.

63. Ба ҷуз фан ва риштаи илмии худат, дар дигар мавридҳо худро дар қатори мардум бишумор.

64. Дар корҳои нудуруст ва качравиҳо аз мардум пайравӣ накун, балки дар корҳои дуруст ва савоб аз онҳо пайравӣ намо.

65. Агар шахсеро бо бадӣ шинохтӣ, онро дар байни мардум зикр накун, балки дар вай хубиеро бичӯ ва ӯро бо он ёд кун, магар дар корҳои динӣ. Вақте дар бобати дин бадиашро дидӣ, дар он сурат мардумро бояд аз вай огоҳ созӣ, то аз шарру бадии вай ҳазар намоянд ва аз вай дар корҳои бад пайравӣ накунанд. Зеро Паёмбари Худо (с) фармудааст: **«Бадиҳои шахси фоҷир ва бадкорарро баён кунед, то мардум аз вай ҳазар намоянд!»**.[1]

---

[1] Ҳадис бо ривояти Ҷоруд ибни Язид заъиф аст, вале Табаронӣ дар «Мӯъҷамул-авсат», 4372, ҷ. 4, с. 534, ва «Мӯъҷаму-с-сағир», 599, ҷ. 1, с. 257 онро аз ҳадиси Маъмар бо исноди ҳасан ривоят кардааст: Расули Худо (с) барояшон хутбае хонд ва фармуд: ***«То ба кай аз зикри фоҷир худдорӣ менамоед!? Аз рӯи вай парда бардоред, то мардум аз вай ҳазар намоянд»***.
Ин маъно дар назди ҷумҳури фақеҳони аҳли суннат пазируфта шудааст, ки бояд аз рӯи бадиҳо ва фисқи шахси фоҷир парда бардошта шавад, то мардум аз бадкории вай ҳазар намоянд, ба хусус, вақте вай нуфузи иҷтимоъӣ дошта бошад ва ё шахси бидъаткор бошад, то мардум дар зери таъсири фисқу фуҷури вай қарор нагиранд ва аз бидъати вай пайравӣ накунанд.
Дар таъйиди ин маъно ҳадисе дар «Саҳеҳи Бухорӣ» ва «Саҳеҳи Муслим» ривоят шудааст, он ҷо ки мефармояд: ***«Тамоми уммати***

66. Агар он одами фоҷир ва бадкорае, ки зарараш ба дин мерасад, дорои ҷоҳу ҷалоли дунявӣ бошад, аз ҷоҳу ҷалоли вай андеша накун, балки ба масъулияти диниат амал кун ва ӯро ба мардум бишиносон, чунки Худоаванд мададгори дини худ аст ва туро дар ин кор мадад хоҳад кард. Вақте як бор чунин кардӣ, аз ҳайбат ва қотеъияти ту битарсанд ва дар оянда дигар касе ҷуръат намекунад, то дар ҳузури ту ва дар он минтақае, ки вуҷуд дорӣ, ба бидъате даст занад ва дар дин халале эҷод намояд. Оммаи мардумро низ метавонӣ дар ин роҳ омода ва бо худ ҳамнаво созӣ ва бар чунин одамоне мусаллат гардонӣ. Онҳо *(пас аз ин)* дар дигар масоили динӣ низ аз ту пайравӣ мекунанд.

67. Агар аз подшоҳ ва ҳокими вақт коре ва ё рафтореро мушоҳида намудӣ, ки бо арзишҳои илмӣ ва меъёрҳои динӣ мухолиф аст, бо изҳори итоати хеш аз ӯ ба вай тазаккур бидеҳ ва ӯро мутаваҷҷеҳи иштибоҳи худ бигардон, чунки вай аз ту тавонотар аст. Масалан, ба вай бигӯ, ки дар корҳои

ман дар офият ҳастанд, магар онҳое, ки ба таври ошкор даст ба маъсият мезананд…». («Субулу-с-салом», ҷ. 4, с. 359).

Ҳадиси машҳури: ***«Касе аз шумо кори зишт ва бадеро бинад, бояд онро бо дасташ тағйир диҳад, агар онро натавонист, пас бо забонаш онро тағйир диҳад ва агар онро ҳам натавонист, пас онро бо дилаш инкор намояд ва ин пасттарин дараҷаи имондорӣ аст»***, низ ин маъноро таъйид менамояд, зеро парда бардоштан аз фисқу фуҷури шахси фоҷир яке аз роҳҳои пешгирӣ кардани корҳои зишт мебошад. («Саҳеҳи Муслим», 176 (49)-78).

кишвардорӣ ман аз ту итоат мекунам, вале бинобар тахассуси илмӣ ва масъулияти шаръии хеш дар шумо рафтор ва ё кореро мушоҳида кардам, ки аз назари меъёрҳои шаръӣ дуруст намебошад. *(Бинобар ин, хостам онро барои шумо ёдовар шавам)*.

Вақте ин корро як бор анҷом додӣ, кифоя бошад ва лозим нест, ки ӯро пайваста ва бо исрор гӯшзад намоӣ, зеро дар он сурат имкон дорад атрофиёнаш туро аз байн баранд ва ҳамин тавр ба дин зарбаи ҷуброннопазире ворид гардад.

Ин корро ҳадди ақал як ё ду бор анҷом бидеҳ, то ҷиддияти ту дар дин ва қотеъияти ту дар амр ба некиҳо барои дигарон маълум гардад ва мардуми авом сукути туро бар чизи дигаре ҳамл накунанд.

Агар пас аз он подшоҳ иштибоҳ ва кори худро бори дигар такрор кард ва тазаккури ту ба вай натиҷае надод, ба хонааш бирав ва дар танҳоӣ ба вай насиҳат кун ва бо далелҳое аз Қуръон ва суннат, ки дар ёд дорӣ, мавзӯъро барояш равшан гардон. Агар бидъаткор бошад, бо ӯ *(ба таври илмӣ)* гуфтугузор кун. Агар онро аз ту қабул кард, бисёр хуб ва дар ғайри он аз Худо бихоҳ, то туро аз шарри вай нигаҳ дорад.

بسم الله الرحمن الرحيم

Дар баёни меъёрҳои ахлоқӣ

68. Маргро ҳамеша ба ёд овар ва барои устодон ва он шахсиятҳое, ки аз эшон илм ва дин омӯхтаӣ, дуъои хайр кун ва аз Худо омурзиш бихоҳ!

69. Қуръонро ҳамеша тиловат бикун.

70. Гӯристонҳо ва ҷойҳои муқаддасро бештар зиёрат кун[1] ва ҳамеша ба дидори уламо ва бузургони дин бирав.

71. Одамоне, ки дар хоб Паёмбари акрам (с)-ро мебинанд ва онро дар масҷидҳо, маконҳои муқаддас ва ё гӯристонҳо ба ту нақл мекунанд, сухани онҳоро бовар бикун. [2]

72. Бо аҳли ҳавову ҳавас ва худпарастон, ҷуз барои даъвати онҳо ба сӯи дин ва ба роҳи рост, (рафтуомад ва) ҳамнишинӣ накун.

73. Аз лаънату нафрин ва дашном додан ба дигарон дурӣ гузин.

---

[1] Зеро зиёрати гӯристон марг ва қиёматро ба ёди одам меоварад. Зиёрати шаръӣ он аст, ки одам бо нияти анҷоми суннати Расули Худо (с) ва барои панд гирифтан ба гӯристон биравад ва ин дуъоро бихонад: «***Ассалому ъалайкум, аҳла-д-диёри минал мӯъминина вал муслимин ва инно иншоаллоҳу бикум лоҳиқун. Асъалуллоҳа лано ва лакум алъофияҳ***». Бояд дар он ҷо корҳоеро, ки бидъат, хурофот ва бар хилофи муқаррароти шаръ ҳастанд, анҷом надиҳад, то зиёрати худро ба ширк ва маъсияти Худо олуда насозад.

[2] Зеро дар ҳадис омадааст, ки шайтон худро ба сурати Паёмбар (с) дароварда наметавонад, он ҷо ки мефармояд: ***«Касе маро дар хоб бинад, воқеъан ҳам, маро дидааст, зеро шайтон дар сурати ман зуҳур карда наметавонад»***.

74. Ҳамин ки муаззин садои азонро баланд кард, барои даромадан ба масҷид омода шав, то мардуми авом пеш аз ту ба он дохил нашаванд.

75. Дар ҳамсоягии подшоҳ ва ҳокими вақт зиндагӣ накун.

76. Айби ҳамсояатро бипӯш, зеро он дар назди ту амонат мебошад ва умуман, асрори пӯшидаи мадумро фош насоз.

77. Вақте касе аз ту (дар коре) машварат хост (ва онро ба назди ту овард), ба вай (бо хайрҳоҳӣ ва ҳисси амонат) машварате бидеҳ, ки якин намоӣ он туро ба даргоҳи Аллоҳ таъоло наздик ва муқарраб мегардонад.

Ин насиҳатро аз ман бипазир, ки иншоаллоҳ, дар дунё ва охират аз он баҳравар гардӣ.

78. Аз бухлу (ҳасад) дурӣ гузин, ки он одамро расво месозад.

79. Одами тамаъҷӯ, дурӯғгӯ ва муғолатаандоз *(парешонсозандаи афкор ва андешаҳои мардум)* набош, балки мурувват ва ҷавонмардиро дар тамоми корҳо дар худ ҳифз фармо.

80. Доимо ва дар тамоми ҳолатҳо либоси сафед бипӯш.

81. Ҳамеша ғинои қалб дошта бош ва аз худ ҳирсу рағбати камтаре ба дунё нишон бидеҳ. Бо вуҷуди он ки нодор ҳастӣ, худро ҳамеша бениёз нишон деҳ ва фақру тангдастии худро барои касе зоҳир насоз.

82. Ҳиммати баланд дошта бош, зеро ҳиммати касе паст гардад, қадру манзалаташ кам мегардад.

83. Дар роҳ ба чапу рост нигоҳ накун, балки ҳамвора ба пеши пост нигоҳ бикун.

84. Вақте ба ҳаммом рафтӣ, дар пардохти музди он ва дар ҷои нишаст худро бо дигарон баробар нагардон, балки дар саффи интизор дар ҷои муносибтаре биист ва аз он чи оммаи мардум пардохт мекунанд, бештар бидеҳ, то мурувват ва ҷавонмардии худро ба онҳо нишон диҳӣ ва *(ба ҳайси як шахсияти намуна)* ба ту эҳтиром гузоранд.

85. Агар ба бофанда, дӯзанда ва дигар косибон ниёз пайдо кардӣ, худат шахсан ба назди онҳо нарав, балки одами мавриди эътимодеро баргузин, то ин корҳоро бароят анҷом диҳад.

86. Аз мардум ҳеҷ гоҳ молиёт нагир.

87. Пулҳоро бо дасти худ нашумор, балки ин корро низ ба шахси дигаре вогузор.

88. Дунёро, ки дар назди аҳли илм арзише надорад, ҳақир ва беарзиш бидон, зеро он чи дар назди Худост, аз ин дунёи фонӣ *(ва матоъи нопойдори он)* беҳтар аст.

89. Корҳои шахсӣ ва умури зиндагии хешро ба касе вобаста соз, то барои касби илм фароғати бештаре ёбӣ ва ин кор ҳамчунин ҳайсият ва қадру манзалати туро ҳифз менамояд.

90. Зинҳор бо девонагон ва он аҳли илме, ки равиши мунозара ва истидлоли бо ҳуҷҷатро

намедонанд ва ҳамчунин бо онҳое, ки илмро маҳз ба хотири касби ҷоҳу мақом меомӯзанд ва барои резонидани обрӯи дигарон ба мунозара ва баррасии масоил дар байни мардум мепардозанд, сӯҳбат накун! Зеро онҳо мехоҳанд туро шарманда ва беобрӯ намоянд ва дар ин бора аз чизе ибо надоранд, ҳарчанд туро бар ҳақ бидонанд.

91. Вақте ба одамони бузург ва афроди бошахсият мулоқот кардӣ, то туро боло набардоранд, ҳеҷ гоҳ худро аз онҳо боло нагир, то аз сӯи онҳо ба ту осеб ва озоре нарасад.

92. Вақте дар байни мардуме бошӣ, то туро ба вачҳи эҳтиром ба пешнамозӣ даъват накунанд, худат барои имоматӣ дар намоз пеш нагузар.

93. Ҷуз саҳаргоҳон ва дамодами пешин ба ҳаммом нарав.

94. Ба тафреҳгоҳҳои умумӣ ва сайргоҳҳо нарав.

95. Дар муҳокимаҳои золимона ва мавқеъиятҳои зулму ситами подшоҳон ва ҳокимон ҳозир нашав, магар вақте бидонӣ, ки насиҳат, хайрхоҳӣ ва сухани ҳаққи туро мепазиранд, чунки онҳо вақте дар ҳузури ту муртакиби он кори хилофи шаръ ва зулму ситами худ мегарданд ва ту натавонӣ аз он ҷилавгирӣ намоӣ, мардум гумон мекунанд, ки он кор ҳақ аст, зеро ту дар вақти анҷоми он ҳозир будӣ ва сукут кардаӣ.

96. Дар маҷлиси илм ҳамеша аз хашму ғазаб дурӣ гузин.

97. Аз қиссагӯӣ ва достонсароӣ низ худдорӣ намо, зеро шахси достонсаро ногузир дурӯғ мегӯяд.


98. Агар барои касе нишасти илмӣ дар заминаи илми фиқҳ баргузор кардӣ, худат шахсан дар он ширкат намо ва он чиро аз вай дар он замина медонӣ ва ё аз баррасиҳои илмиаш ташхис медиҳӣ, ҳамаро ба таври дақиқ барои мардум бозгӯ намо ва ҳамчунин агар дар бахши фатво салоҳияте дошта бошад, онро низ бозгӯ намо, то мардум бо ҳузури ту дар канори вай фирефта нагарданд ва гумон кунанд, ки вай дорои сифати илмӣ ва шахсияти бузурге мебошад, дар ҳоле, ки ӯ аз он сифат холӣ аст.

Вале агар дидӣ, ки он шахс аслан донишманд ва фақеҳ нест, чунин нишасте барпо накун ва агар барпо шуд, дар он ширкат накун, то дар ҳузури ту ба дарсдиҳӣ напардозад, балки аз ёрони худ шахси мӯътамадеро ба вай ҳамроҳ бисоз, то туро аз чигунагии сухан ва муставои илмаш огоҳ намояд.

99. Дар маҳфилҳои зикр ва суханрониҳое, ки *(барпокунандагони онҳо)* мехоҳанд бо истифода аз шахсият ва таъйиди ту нишастҳои худро машҳур созанд, ширкат начӯ, балки аҳли маҳалла ва одамонеро, ки ба онҳо эътимод дорӣ, бо яке аз ёронат ба маҷлиси онҳо бифирист (то туро дар ҷараёни масоили матраҳгардида қарор диҳанд ва аз ту гила ҳам накунанд).

100. Хондани хутбаҳои никоҳ ва баргузории намозҳои ҷаноза ва идайнро ба хатиби ноҳия ва минтақаи худ вогузор бикун.

Дар поён аз ту мехоҳам, ки маро аз дуъои хайрат фаромӯш насозӣ ва ин насиҳатро аз ман бипазирӣ. Он насиҳати ман барои ту ва ҳамаи мусалмонон мебошад.



بِسْمِ اللَّهِ الرَّحْمَنِ الرَّحِيمِ

2. Насиҳатномаи Имоми Аъзам (р.ҳ.) ба Юсуф ибни Холиди Самтӣ

Юсуф ибни Холиди Самтӣ яке аз шогирдони маъруфи Имом Абуҳанифа (р.ҳ.) мебошад. Вай дар поёни давраи таҳсилоти худ вақте ба ватанаш Басра бармегашт, аз устодаш Абуҳанифа (р.ҳ.) иҷозат хост. Имоми Аъзам (р.ҳ.) фармуд: *«Мехоҳам пеш аз бозгашт насиҳатҳоеро ба шакли навишта ба ту пешкаш намоям, ки дар арсаҳои гуногуни зиндагӣ, муносибат бо мардум, ташхиси дараҷоти аҳли илм, таъдиб ва парвариши нафс, идораи раъият, бархӯрд бо авом ва хавос ва огоҳӣ аз аҳволи мардум ба онҳо эҳтиёҷ дорӣ. Ин насиҳатҳои ман барои илми ту бисёр лозим мебошанд, балки онҳо ба манзалаи васила (механизм)-е мебошанд, ки онро зинат мебахшанд ва намегузоранд дучори нақс ва халале гардад».*

Юсуф ибни Холиди Самтӣ яке аз машоих ва устодони Имом Шофиъӣ (р.ҳ.) мебошад. Имом Шофиъӣ (р.ҳ.) дар бораи вай мефармояд: Юсуф ибни Холид яке аз беҳтарин афроди уммат буд. Ибни Моҷаи Қазвинӣ соҳиби **«Сунан»** аз вай ҳадис ривоят кардааст.

* * *

1. Бидон, ки вақте ба мардум бадӣ ва бадрафторӣ кардӣ, бо ту душман ва бадбин мешаванд, ҳарчанд падару модарат бошанд ва низ агар бо онҳо хушрафторӣ ва некӣ кардӣ, гарчи бо ту бегона ҳам бошанд, бароят ба монанди падару модар мегарданд.

Юсуф мефармояд: Он гоҳ Имом Абуҳанифа (р.ҳ.) ба ман гуфт: Сабр кун, то худро барои ин кори ту фориғ гардонам ва фикрамро ҷамъ созам ва бароят насиҳати фарогире омода созам, ки аз самими қалб бароям сипосгузорӣ намоӣ. Чун он вақт фаро расид, фармуд: Инак, вақти он расидааст, ки аз ваъдаи хеш парда бардорам. Он гоҳ фармуд:

2. Ҳоло он саҳнаро дар пеши чашмонам гӯё мучассам мебинам, вақте ту ба шаҳри Басра ворид мегардӣ ва дар он ҷо бо мухолифоне рӯ ба рӯ мешавӣ ва бо истифода аз ғурури илмиат худро аз онҳо бартар медонӣ ва ин кашмакашҳо чунон шиддат мегиранд, ки рафта – рафта аз мулоқот *(ва рафтуомад)* бо онҳо худдорӣ менамоӣ. Онҳо бо ту мухолифат мекунанд, ту бо онҳо, онҳо бо ту қатъи робита менамоянд, ту бо онҳо, онҳо ба ту носазо мегӯянд, ту ба онҳо, онҳо туро гумроҳ ва бидъаткор мегӯянд ва ту онҳоро. Ҳамин тавр шахсияти ҳардуямон зери суол меравад ва

обрӯямон мерезад. Он гоҳ маҷбур мешавӣ, ки онҳоро тарк гӯӣ ва ба ҷои дигаре биравӣ!

Аммо бидон, ки ин тарзи тафаккур дуруст нест, ки одам бо мардум мудоро накунад ва бо дасти худ шароитеро ба вуҷуд оварад, ки бо мардуме, ки бояд бо онҳо созиш ва ҳамзистӣ дошта бошад, созиш карда натавонад (ва муносибатҳои худро дар ҳеҷ сатҳе бо онҳо ба роҳ монда натавонад). Ба ҳар ҳол, бояд бо мардум (ба сурате) созиш ва мудоро кард *(ва муносибати худро бо онҳо дар сатҳе нигоҳ дошт)*, то Худованд роҳи хуруҷ (аз бӯҳрони каҷандеширо) худ фароҳам оварад.

3. Вақте ба шаҳри Басра дохил мешавӣ, мардум ба истиқбол ва дидори ту меоянд. Вақте онҳо *(туро хуш пазируфтанд ва)* қадратро шинохтанд, ту низ қадру арзиши онҳоро бишинос ва ҳар касро дар муставои худ эҳтиром намо, ба одамони обрӯманд ва шахсиятҳои маъруф ва аҳли илм арҷ бигузор, эҳтироми бузургсолонро ба ҷой овар ва ба хурдсолон бо лутфу нармӣ рафтор кун ва бо мардум наздик шав. Аз ҳамнишинӣ ва дӯстӣ бо фурӯмоягон дурӣ гузин ва бо некон робитаи дӯстӣ барқарор бинамо.

4. Ҳокими вақтро кам ва ночиз нашумор ва касеро таҳқир накун, дар мурувват ва ҷавонмардӣ кӯтоҳӣ накун, рози худро ба касе изҳор накун ва то касеро наозмуда бошӣ, ба вай эътимод накун, аз

шӯхӣ ва муносибати бепарвоёна бо аблаҳон эҳтиёт намо, аз қабули ҳадя ва даъват худдорӣ бинамо.[1]

5. Ҳамеша (дар корҳо ва дар роҳи даъват) сабру таҳаммул, дили пургунҷоиш ва рафтори нек дошта бош. То битавонӣ либоси нав бипӯш ва аз маркаб (василаи нақлия)-и муносиб истифода кун, атру хушбӯиро зиёд истеъмол намо. *(Вақтҳоят барномарезӣ шуда бошанд ва)* ҳар рӯз вақти муайянеро барои корҳои шахсиат ҷудо кун!

6. Ҳамеша аз ахбору аҳволи хидматгорон ва зердастонат огоҳ бош ва дар тарбияи онҳо ҷиддӣ ва қотеъ бош, дар ин кор бо нармӣ рафтор кун ва онҳоро сарзаниши бисёр накун, зеро суханонат бетаъсир мешаванд. Онҳоро бо дасти худ танбеҳ накун, то маҳобат ва викорат (дар чашми онҳо) маҳфуз бимонад.

7. Бар намозҳо пойбанд бош.

8. Саховатпеша бош ва дастархонат ҳамеша кушода бошад, зеро бахил ҳеҷ гоҳ сазовори раҳбарӣ ва сарварӣ намебошад *(ва илова бар ин)* бенавоён ва дармондагон шуморо дӯст медоранд ва ин бахшандагӣ ва ҷавонмардии шуморо ба дигарон мерасонанд.

---

[1] Қабул кардани ҳадя ва даъват суннат мебошад, вале агар маслиҳат ва зарурати динӣ тақозо намояд, қабул накардани онҳо боке надорад. Масалан, вақте касе коргузори молӣ ва ё корманди мақомоти идорӣ бошад ва корафтодае барои ҳалли мушкили худ ба вай ҳадяе пешниҳод намояд, напазируфтани он дар ин ҳолат вочиб аст.

9. Дӯстони боэътимод ва мушовирони варзидае барои худ баргузин, то туро пайваста дар ҷараёни таҳаввулоти ҳаррӯза ва аҳволи мардум қарор диҳанд, то битавонӣ фасодро *(дар ҷомеъа)* ислоҳ намоӣ ва хубиҳоро *(дар нафси мардум)* парвариш диҳӣ!

10. Аз ҳама ёд кун ва ҳатто ба дидори онҳое, ки ба пеши ту намеоянд, низ бирав! Бо ҳама некӣ кун, чи дар ҳаққи ту некӣ карда бошанд, чи накарда бошанд.

11. *(Дар баробари кӯтоҳиҳо ва каҷравиҳои баъзе одамон)* афву гузашт бикун. Ба некиҳо амр намо ва касе ба ту озор ва ранҷе расонад, аз вай даргузар.

12. Дар иҷрои ҳақ ва адои ҳуқуқҳо кӯшиш ва шитоб бинамо.

13. Агар касе аз дӯстон ва ҳамнишинонат бемор шавад, ба иёдат ва аҳволпурсии ӯ бирав ва аз тариқи дӯстони дигар низ ҷӯёи аҳволи вай бош.

14. Агар касе аз онҳоро муддате надидӣ, аз аҳволи ӯ ҷӯё шав ва агар касе аз онҳо аз ҳузур дар маҷлисат худдорӣ кард, ӯро ба он ҳол раҳо накун ва робитаи худро ба вай қатъ накун.

15. Касе бо ту ҷафо намояд ҳам, бо ӯ рафтуомад кун ва касе ба пеши ту ояд, ӯро икром бинамо.

16. Касе ба ту бадӣ кунад, аз вай даргузар ва касе дар бораи ту сухани бад бигӯяд ва аз ту ба бадӣ ёд кунад, ту аз ӯ ба некӣ ёд бикун.

17. Агар касе аз онҳо бимирад ва бар ту ҳаққе дошта бошад, ҳаққашро (пурра) адо бинамо.

18. Агар касе аз онҳо шодмонӣ ва хушие дошта бошад, барояш табрик бигӯ, яъне дар ҳаққаш баракат бихоҳ ва агар ба вай мусибате расида бошад, барояш таслият бигӯ ва агар ба вай офате расида бошад, бо ӯ изҳори ҳамдардӣ бинамо.

19. Агар касе туро барои коре фаро хонд, бирав ва агар аз ту дар коре кӯмак хост, ба вай кӯмак бирасон.

20. Дар ҳузури мардум то метавонӣ изҳори дӯстӣ ва муҳаббат кун. Салом додан ба тамоми мардумро ривоҷ бахш.

21. Вақте дар маҳфиле ширкат кардӣ ва дар он масоиле матраҳ гардид ва бар хилофи ақидаи ту дар он масоил назар дода шуд, фавран ба он мухолифат накун.

Агар аз ту дар бораи масоиле пурсида шуд, аввал ҳамон дидгоҳеро дар он масъала баён кун, ки онҳо ба он ошноӣ доранд ва онро хуб мефаҳманд ва пас аз он назари худро дар бораи он матраҳ бинамо. Масалан, бигӯ, ки дар ин масъала назари дигаре ба ин тартиб вуҷуд дорад ва далелаш чунин аст. Вақте онҳо назарҳои туро гӯш кунанд ва ҳикмати баёни туро дарёбанд, мутмаин мегарданд, ки ту дар ҳақиқат олим ҳастӣ ва ба ту арҷ мениҳанд.

22. Саъй кун, ҳар касе ба дидори ту меояд, ба андозае аз илмат баҳра гирад ва аз пеши ту маҳрум барнагардад ва онро ёд гирад ва дар он биандешад.

23. Ба мардум танҳо масоили асосиро матраҳ намо ва аз зикри ҷузъиёт худдорӣ бикун.

24. Бо мардум ҳамеша ҳамнафас ва мунис бош ва бо онҳо бо хушзабонӣ ва дӯстона гуфтугӯ кун, ки ин гуна рафтори бонавозиш муҳаббати туро дар дили онҳо ҷой месозад ва онҳоро ба ҳузур дар маҳфилҳои илм ҳавасманд мегардонад.

25. Мардумро гоҳе ба меҳмонии худ даъват бикун ва ба рафъи ниёзҳояшон бипардоз. Аз ҳатоҳо ва кӯтоҳиҳояшон чашм бипӯш.

26. Аз гирифториҳо ва мушкилоти худ дар назди онҳо шикоят накун ва бо онҳо ба тавре муносибат ва бархӯрд намо, ки фарде аз онҳо ҳастӣ.

27. Бо мардум ҳамон тавре рафтор кун, ки бо худат рафтор мекунӣ ва барои онҳо ҳамон чизеро биписанд, ки онро барои худат меписандӣ.

28. Ба онҳо ба тавре муносибат ва бархӯрд намо, ки онро биписанданд ва ҳусни нияти худро ба онҳо нишон деҳ, ростиро пеша кун ва аз худписандӣ дурӣ гузин! Аз касе, ки аз ту изҳори танаффур менамояд, дурӣ ва танаффур накун! Касе, ки ба ту гӯш медиҳад, ту низ ба ӯ гӯш бидеҳ.

29. Ҳеҷ гоҳ касеро фиреб надеҳ, ҳарчанд туро фиреб диҳанд! Амонатро ба соҳибаш баргардон,

ҳарчанд ба ту хиёнат карда бошанд! Вафопеша ва ботақво бош.

30. Бо пайравони динҳои дигар рафтори муносиб ва ҳусни муъошират ва муносибатро ба роҳ бимон ва дар пайи ислоҳи ҳамзистӣ бо онҳо бош.

Агар ба ин насиҳати ман амал намоӣ, умед дорам, ки дар офият ва саломатӣ ба сар бибарӣ.

Он гоҳ фармуд: - *«Аз шиносоӣ ва ҳамнишинӣ бо ту бисёр хурсандам, вале аз ин ки ҳоло аз ман ҷудо мешавӣ, хеле дар изтироб ва нороҳатам. Ҳамеша ба ман нома бинавис ва маро аз мушкилот ва ниёзҳои худ огоҳ бисоз. Ту бароям ба манзалаи фарзанде бош ва ман барои ту ба манзалаи падар ҳастам».*

Ва саллаллоҳу ъало саййидино Муҳаммадин аннабиййил уммиййи ва ъало олиҳи ва асҳобиҳи ва саллам!



بِسْمِ اللّٰهِ الرَّحْمٰنِ الرَّحِيْمِ

3. Насиҳатномаи Имоми Аъзам (р.ҳ.) ба фарзандаш Ҳаммод

Имоми Аъзам (р.ҳ.) танҳо як фарзанд дошт ва ӯро ба поси хотири устодаш Ҳаммод ном карда буд. Имом (р.ҳ.) ба ин фарзанд ва шогирди арҷмандаш мефармояд:

Фарзандам! Худо туро ба роҳи рост ҳидоят ва (дар он) таъйид намояд. Мехоҳам ба ту чанд насиҳате намоям, ки агар онҳоро ба ёд гирӣ ва дар амал татбиқ намоӣ, умед дорам, ки иншоаллоҳ, саодати дунё ва охиратро ба даст оварӣ!

Аввали он тақвост, ки аъзои бадани худро аз тарси Худо аз корҳои гуноҳ нигаҳ дорӣ ва амрҳо ва фармоишоти Парвардигоратро барои (анҷоми ҳаққи) бандагӣ ҳамеша ба ҷой оварӣ.

Дуюм, вақте дарк намудӣ, ки ба донистан ва омӯхтани чизе ниёз дорӣ, худро зиёд дар ҳолати ҷаҳлу нодонӣ нагузор, балки ҳарчи тезтар онро биомӯз.

Сеюм, бо касе дар корҳои дин ва дунё мӯҳтоҷ набошӣ, бо вай нишасту бархост накун.

Чорум, он ҳаққе, ки дигарон бар зиммаи ту доранд, бо адлу инсоф адо намо ва агар ту бар

зиммаи касе ҳаққе доштa бошӣ, ҳеҷ гоҳ барои худ талаби инсоф накун, магар дар он зарурате бошад.

Панҷум, бо ҳеҷ мусалмон ва ё зиммие душманӣ ва кина наварз.[1]

Шашум, ба он молу дорой ва мақому мартабае, ки Худо бароят иноят фармудааст, қаноат бикун.

Ҳафтум, он чиро, ки дар даст дорӣ, бо ҳусни тадбир сарф намо, то мӯҳтоҷи дигарон нагардӣ.

Ҳаштум, худро дар чашми дигарон бекадр нагардон.

Нӯҳум, худро аз дахолат дар корҳои пучу бемаъно нигаҳ бидор.

Даҳум, ҳангоми дидор бо мардум дар салом додан пешдастӣ бикун. Чун сухане гуфтӣ, некӯ бигӯ. Бо одамони хуб дӯстӣ ва наздикӣ кун ва бо бадон мадоро бинамо.

Ёздаҳум, зикри Худоро зиёд кун ва бар Расули акрам (с) бештар дуруду салом бифирист.

Дувоздаҳум, саййиди истиғфорро вирди ҳамешагии худ қарор бидеҳ. Он аз ин иршоди Расули акрам (с) иборат аст:

اَللَّهُمَّ! أَنْتَ رَبِّي لاَ إِلهَ إِلاَّ أَنْتَ، خَلَقْتَنِي وَأَنَا عَبْدُكَ، وَأَنَا عَلَى عَهْدِكَ وَوَعْدِكَ مَا اسْتَطَعْتُ، أَعُوذُ بِكَ مِنْ شَرِّ مَا

---

[1] Зиммӣ дар истилоҳи фиқҳӣ ба он кофир ва ақаллиятҳои диние гуфта мешавад, ки дар қаламрави кишвари исломӣ зиндагӣ мекунанд ва таъмини амнияти онҳо бар зиммаи ҳукумати исломӣ мебошад.

«Аллоҳумма, анта раббӣ, ло илоҳа илло анта, халақтанӣ ва ана ъабдука ва ана ъало ъаҳдика ва ваъдика мастатаъту, аъузу бика мин шарри мо санаъту, абуу лака биниъматика ъалаййа ва абуу бизанбӣ, фағфир лӣ фаиннаҳу ло яғфиру-з-зунуба илло анта».[1]

Касе ин дуъоро шаб бихонад ва дар он шаб бимирад, дохили биҳишт гардад ва касе онро ҳангоми субҳ бихонад ва дар он рӯз бимирад, ӯ низ ба биҳишт равад. (**«Мишкотул масобиҳ»**).

Аз ҳазрати Абудардо (р.ҳ.) ривоят шудааст, ки вақте ба вай гуфта шуд, ки хонаат оташ гирифтааст, фармуд: *«Он оташ намегирад, зеро ман калимаҳоеро аз Расули Худо (с) шунидаам, ки касе онҳоро дар аввали субҳ бихонад, то шаб ҳеҷ мусибате ба вай намерасад ва касе онҳоро дар шаб бихонад, то субҳ ҳеҷ мусибате ба вай намерасад (ва он калимаҳо чунинанд):*

---

[1] ***«Худоё, Туӣ Парвардигори ман, ҷуз Ту маъбуди барҳаққе вуҷуд надорад. Ту маро офаридаӣ ва ман бандаи Туам ва бо аҳде, ки бо Ту бастаам ва ба он ваъдае, ки ба Ту додаам, ба андозаи тавоноиям пойбандам. Аз шарри аъмоли бади худ ба Ту паноҳ мебарам, ба он неъматҳое, ки ба ман бахшидаӣ, эътироф менамоям ва ба гуноҳони худ низ иқрор менамоям. Пас маро мавриди омурзиши қарор деҳ, ки ғайр аз Ту омурзандае барои гуноҳон вуҷуд надорад».***
Ин ҳадис дар «Саҳеҳи Бухорӣ», 6306, 6323 ва «Сунани Насоӣ», 5537 низ ривоят шудааст.

«Аллоҳумма, анта раббӣ, ло илоҳа илло анта, ъалайка тавакkалту ва анта раббул аршил ъазим, мо шоаллоҳу кона ва мо лам яшаъ, лам якун, ло ҳавла ва ло қуввата илло биллоҳил ъалиййил ъазим. Аъламу анналлоҳа ъало кулли шайъин қадир ва анналлоҳа қад аҳота бикулли шайъин илман. Аллоҳумма, иннӣ аъузу бика мин шарри нафсӣ ва мин шарри кулли зӣ шаррин ва мин шарри кулли доббатин анта охизун биносиятиҳо. Инна раббӣ ъало сиротин мустақим».[1]

Сездаҳум, ҳар рӯз пайваста Қуръонро тиловат кун ва савоби онро ба рӯҳи Расули акрам (с), падару модарат, устодонат ва тамоми мусалмонон бибахш.

Чордаҳум, аз дӯстонат ҳатто бештар аз душманонат эҳтиёт кун, зеро фасод дар миёни мардум ривоҷ ёфтааст ва чи басо имкон дорад, ки дӯстат *(пас аз муддате)* ба душман табдил биёбад.

---

[1] ***«Худоё, Туӣ Парвардигори ман, ҷуз Ту маъбуди дигаре вуҷуд надорад ва Ту Парвардигори Арши азим ҳастӣ. Он чи Худо бихоҳад, ҳамон хоҳад шуд ва то Худо нахоҳад, ҳеҷ коре анҷом нахоҳад гирифт. Ҷуз Худои бузургу бартар дигар ҳеҷ нерӯе наметавонад одамро аз маъсият боз дорад ва ба некиҳо бикашонад. Ман бо яқин медонам, ки Худо бар ҳар коре тавоност ва илми Ӯ тамоми чизро фаро гирифтааст. Парвардигоро! Аз шарри нафсам ва аз шарру бадии ҳар соҳибшарре ва аз шарру осеби ҳар маҳлуқе, ки ихтиёри он дар дасти Ту аст, паноҳ мечӯям. Ба ростӣ, Парвардигорам бар роҳи рост аст»***. Ин дуъоро Нававӣ дар китоби «Ал-азкор» дар боби дуъоҳои субҳу шом зикр намудааст ва калимаи «кулли зишаррин» дар он нест. (Илова аз муаллиф).

Понздаҳум, асрори худро пинҳон бидор ва касеро аз пулу дороӣ, барномаи корӣ ва ҷое, ки қасди рафтан ба он ҷоро дорӣ, огоҳ нагардон.

Шонздаҳум, бо ҳамсоя хушрафторӣ кун ва ба озору азияти вай сабр бинамо.

Ҳабдаҳум, ҳамеша аз мазҳаб ва равиши аҳли суннат ва ҷамоъат пайравӣ намо ва аз ҷоҳилон ва гумроҳон дурӣ гузин.

Ҳаждаҳум, дар тамоми корҳо ниятатро холис гардон ва дар ҳар ҳолате саъй кун, ки ҳалол бихӯрӣ.

Нуздаҳум, ба панҷ ҳадисе, ки аз миёни панҷсад ҳазор (500 000) ҳадис ихтиёр кардаам, амал бикун:

1- إِنَّمَا الأَعْمَالُ بِالنِّيَّاتِ وَ إِنَّمَا لِكُلِّ إِمْرِئٍ مَا نَوَي...

1. «Иннамал аъмолу биннийёти ва иннамо ликуллимриин мо наво...». ***Яъне: «Мадори аъмоли инсон бар нийят мечархад ва подоши ҳар шахсе бар асоси нийяти вай мебошад».***[1]

2- مِنْ حُسْنِ إِسْلاَمِ الْمَرْءِ تَرْكُهُ مَا لاَ يَعْنِيهِ

2. «Мин ҳусни исломил маръи таркуҳу мо лояъниҳи», яъне ***«Яке аз нишонаҳои диндорӣ ва ҳусни исломи инсон он аст, ки корҳои бефоида ва бемаъноро тарк намояд».***[2]

---

[1] Ин ҳадис дар «Саҳеҳи Бухорӣ», 1, 54 ва..., «Саҳеҳи Муслим», 4904 (1907)-156 ва дигар китобҳои сиҳоҳи шашгона низ ривоят шудааст.

[2] Лояънӣ ба маънои суханони беҳуда ва корҳои бефоидае мебошад, ки ҳеҷ гуна манфиати дунявӣ ва ё ухравиеро барои инсон ба бор

3- لاَ يُؤْمِنُ أَحَدُكُمْ حَتَّي يُحِبَّ لأَخِيهِ مَا يُحِبُّ لِنَفْسِهِ

3. «Ло юъмину аҳадукум ҳатто юҳибба лиахиҳи мо юҳиббу линафсиҳи», яъне: ***«Ҳеҷ кадоме аз шумо ба камоли имон намерасад, то он ки барои бародараш низ ҳамон чизеро дӯст дорад, ки барои худаш дӯст медорад».***[1]

4- إِنَّ الْحَلاَلَ بَيِّنٌ وَ إِنَّ الْحَرَامَ بَيِّنٌ وَ بَيْنَهُمَا مُشْتَبِهَاتٌ لاَ يَعْلَمُهُنَّ كَثِيرٌ مِنَ النَّاسِ، فَمَنِ إِتَّقَي الشُّبُهَاتِ إِسْتَبْرَأَ لِدِينِهِ وَ عِرْضِهِ وَ مَنْ وَقَعَ فِي الشُّبُهَاتِ وَقَعَ فِي الْحَرَامِ، كَمَنْ يَرْعَي حَوْلَ الْحِمَي يُوشِكُ أَنْ يَقَعَ فِيهِ، أَلاَ وَ إِنَّ لِكُلِّ مَلِكٍ حِمًي، أَلاَ وَ إِنَّ حِمَي اللَّهِ مَحَارِمُهُ، أَلاَ وَ إِنَّ فِي الْجَسَدِ مُضْغَةً إِذَا صَلُحَتْ صَلُحَ الْجَسَدُ كُلُّه وَ إِذَا فَسَدَتْ فَسَدَ الْجَسَدُ كُلُّهُ، أَلاَ وَ هِيَ الْقَلْبُ

4. «Иннал ҳалола бииййинун ва иннал ҳарома баййинун ва байнаҳумо муштабиҳотун ло яъламуҳунна касирун минанноси. Фамани-т-тақо-ш-шубуҳоти, истабраа лидиниҳи ва ъирзиҳи ва ман вақаъа фишшубуҳоти, вақаъа фил ҳароми, кароъин

намеоваранд ва ҷуз барҳадар рафтани вақт ва нерӯи инсон натиҷаи дигаре аз он барояш ҳосил намешавад. (Аз муаллиф).
Ин ҳадис дар «Сунани Тирмизӣ», 2317, 2318 ва «Сунани Ибни Моҷа», 3976 низ ривоят шудааст.
[1] Ин ҳадис дар «Саҳеҳи Бухорӣ», 13, «Саҳеҳи Муслим», 169 (45)-71, 170 (...)-72 ва дигар китобҳои сиҳоҳи шашгона ба ҷуз «Сунани Абудовуд» низ ривоят шудааст.

яръо ҳавлал ҳимо йушику ан якаъа фиҳи. Ало ва инна ликулли маликин ҳиман. Ало ва инна ҳималлоҳи маҳоримуҳу. Ало ва инна фил ҷасади музғатан изо салуҳат, салуҳал ҷасаду куллуҳу ва изо фасадат, фасадал ҷасаду куллуҳу, ало ва ҳиял қалб».

«Ҳалол ва ҳаром ошкор ва маълум ҳастанд ва дар миёни он ду корҳои зиёде муштабеҳ (норавшан) вуҷуд доранд, ки бисёре аз мардум онҳоро намедонанд. Касе аз шубҳаҳо дурӣ намояд, дин ва обрӯи худро ҳифз намудааст ва касе дар шубҳаҳо биафтад, дар ҳаром афтодааст, ба монанди чӯпоне, ки рамаи худро дар атрофи мамнӯъгоҳе бичаронад, вай анқариб ба ҳудуди он мамнӯъгоҳ ворид хоҳад шуд.


Бидонед, ки ҳар подшоҳе ҳудуд ва минтақаи мамнӯъае дорад ва бидонед, ки ҳудуди Худованд ҳамон мамнӯъот ва корҳое мебошанд, ки онҳоро бар бандагонаш ҳаром гардонидааст. Бидонед, ки дар ҷасади инсон як порча гӯште ҳаст, ки агар он ба салоҳ ояд, тамоми ҷисм ба салоҳ ояд ва агар он фосид гардад, тамоми ҷисм фосид мегардад. Бидонед, ки он қалб, яъне дили инсон аст».[1]

5- اَلْمُسْلِمُ مَنْ سَلِمَ الْمُسْلِمُونَ مِنْ لِسَانِهِ وَ يَدِهِ

[1] Ин ҳадис дар «Саҳеҳи Бухорӣ», 52, 2051, «Саҳеҳи Муслим», 4070 (1599)-107 ва дигар китобҳои сиҳоҳи шашгона низ ривоят шудааст.

5. «Алмуслиму ман салимал муслимуна мин лисониҳи ва ядиҳи», ***яъне: «Мусалмони комил ва воқеӣ касе аст, ки мусалмонони дигар аз забон ва дасти вай солим бимонанд».***[1]

Бистум, то вақте солим (ва зинда) ҳастӣ, дар миёни биму умед (хавфу рачо) қарор дошта бош ва бо гумони нек, ғалабаи умед ва дили солим бимир, ки Худованд бахшандаву меҳрубон аст.



[1] Аз Имом Абудовуди Сиҷистонӣ соҳиби «Сунан» (р.ҳ) ривоят шудааст, ки фармуд: Ман панҷсад ҳазор (500 000) ҳадис аз Расули Худо (с) навиштаам ва аз миёни онҳо чаҳор ҳазору ҳаштсад (4 800) ҳадисро дар китоби худ ҷамъ овардаам, ки ҳамаи онҳо ё саҳеҳ ҳастанд ва ё наздик ба саҳеҳ. Барои касе, ки бихоҳад ба дин амал намояд, танҳо чаҳор ҳадис кифоя аст. Он гоҳ чаҳор ҳадисро ба тартиби ҳадисҳои фавқ баршумурдааст. Ҳадиси панҷуме, ки Имом Абуҳанифа (р.ҳ) ба фарзандаш Ҳаммод тавсия намудааст, дар интихоби Абудовуд (р.ҳ) наомадааст. Панҷ ҳадиси мазкур бисёр фарогир буда, тақрибан тамоми паҳлӯҳои зиндагиро дар бар мегиранд. (Аз муаллиф). Ин ҳадис дар «Саҳеҳи Бухорӣ», 10, 6484 ва «Саҳеҳи Муслим», 161 (41)-65 низ ривоят шудааст.

بِسْمِ اللّٰهِ الرَّحْمٰنِ الرَّحِيْمِ

Наҳмадуҳу ва нусаллӣ ъало расулиҳил карим

4. Насиҳатномаи Имоми Аъзам (р.ҳ.) ба Абуъисмат Нӯҳ ибни Абумарям дар бораи умури қазо

Абуъисмат Нӯҳ ибни Абумарям зодаи шаҳри Марви Хуросон ва яке аз шогирдони маъруфи Имоми Аъзам (р.ҳ.) мебошад. Вай ба улуми исломӣ иҳотаи комил дошт ва ӯро ба ин хотир бо тахаллус (лақаб)-и Алҷомеъ мешинохтанд.

Абуъисмат аз Имом Абуҳанифа (р.ҳ.) бештар дар бораи масоили додгоҳӣ (судӣ) савол мекард. Имоми Аъзам (р.ҳ.) боре ба вай фармуд: *«Ту рӯзе ба мақоми қозигӣ хоҳӣ расид»* ва чунин ҳам шуд. Вақте Абуъисмат ба ин мақоми олӣ расид, тайи номае Имоми Аъзамро дар ҷараёни кори худ қарор дод. Худи вай ҷараёни воқеаро чунин нақл мекунад:

-«Ман аз Имом Абуҳанифа (р.ҳ.) дар бораи маънои ҳадисҳо мепурсидам ва вай ҳадисҳои мавриди

назарро бароям шарҳу тавзеҳ медод.[1] Ҳамчунин, дар бораи масоили печидае аз вай савол мекардам ва бештар ӯро дар бораи масоили додгоҳӣ ва аҳкоми фиқҳӣ мепурсидам. Боре фармуд: Эй Нӯҳ, рӯзе ба мақоми қозигӣ хоҳӣ расид.

Вақте ба зодгоҳам шаҳри Марв баргаштам, дере нагузашт, ки мақоми қазо (қозиги)-ро бароям пешниҳод карданд ва ман маҷбур шудам онро бипазирам. Ҳанӯз Абуҳанифа дар қайди ҳаёт буд. Ман тайи номае ӯро дар ҷараёни кори худ қарор додам ва дар зимн аз вай узр хостам, ки ин кори душворро маҷбуран пазируфтаам.

Абуҳанифа (р.ҳ.) ҷавоби номаамро ба ин тартиб навишт ва ба ман ирсол дошт:

«Аз Абуҳанифа ба Абуъисмат! Ассалому ъалайкум ва раҳматуллоҳи ва баракотуҳу ва баъд:

Номаат ба ман расид ва аз мӯҳтавои он огоҳ гардидам. (Бидон, ки) амонати бузурге бар дӯшат ниҳода шудааст, амонате, ки бузургтарин уламо аз таҳаммули он оҷизанд. Ту ҳоло ба монанди ғаркшудае ҳастӣ, ки бояд барои наҷоти худ чорае биандешӣ. Бинобар ин, тақворо пеша кун, ки тақво тамоми корҳоро рост ва дуруст мегардонад ва дар охират василаи наҷот мегардад ва дар дунё аз ҳар мусибате нигаҳ медорад. Ба василаи тақво

---

[1] Шарҳ додани маънои ҳадис дар илми ҳадисшиносӣ яке аз фанҳои муҳим мебошад, ки Имом (р.ҳ) дар он устод буданд ва ҳаминро фиқҳи дар дин мегӯянд.

беҳтарин самарот ҳосил мегардад. Худованд оқибати тамоми корҳоямонро ба хайр гардонад ва ба он чи, ки ризои худаш аст, тавфиқамон бахшад, ки Ӯ шунаво ва ба бандагонаш наздик аст!

1. Бидон, ки кори қазоватро ҷуз олими мутабаҳҳир *(бисёр донишманд)* ба дурустӣ анҷом дода наметавонад, олиме, ки дар усули илм ба шумули Қуръон, суннат ва ақволи саҳоба (р.ҳ.) маҳорати комил дошта бошад ва ҳамчунин аз худ раъй, мавқеи илмӣ ва қудрати иҷроӣ дошта бошад. Пас агар дар вақти қазоват ва баровардани ҳукме ба мушкиле рӯ ба рӯ гаштӣ, ба Қуръон, суннат ва иҷмоъи уммат ручӯъ кун. Агар насси (далели) сареҳе (дар ин сарчашмаҳои сегона) ёфтӣ, ба он амал кун ва агар насси сареҳе нисбат ба он масъала дар онҳо наёфтӣ, назоири онро ҷустуҷӯ ва (масъалаи мавриди баҳсро) ба он қиёс кун ва аз усули сегонаи номбурда барои он мисол ва шоҳид биовар. Он гоҳ ба ҳар кадоме аз усули номбурда наздиктар ва монандтар бошад, ба он амал бикун.

Ва бо уламои соҳиббасират машварат намо, ки иншоаллоҳ, дар миёни онҳо одамоне ёфт мешаванд, ки он чиро, ки ту наметавонӣ дарк кунӣ, онҳо онро дарк менамоянд.

2. Вақте ду тарафи даъво ба наздат ҳозир шуданд, дар миёни нотавон ва тавонманд ва беобрӯ ва обрӯманд дар ҷои нишаст, дар гӯш кардан, дар сухан гуфтан ва дар тамоми чиз бо адолат ва

баробарӣ рафтор кун ва нагузор аз ту ҳаракате содир шавад, ки шахси обрӯманд ба эътибори маъруфияташ дар ту тамаъ намояд ва беобрӯ ба эътибори заъфу нотавониаш аз ту ноумед гардад.

3. Вақте ду тарафи қазия дар назди ту ҳозир шуданд, бигузор онҳо ба роҳат дар ҷойҳои муайяни хеш бинишинанд ва эҳсоси шарм ва руъбу ҳароси маҳкама аз онҳо дур шавад. Сипас бо нармӣ ба онҳо гуфтугӯ кун, мақсади худро ба онҳо бифаҳмон ва кӯшиш кун мақсади онҳоро низ ба дурустӣ дарк намоӣ.

4. Ба онҳо вақти кофӣ бидеҳ, то битавонанд бе саросемагӣ ва шитобзадагӣ ҳадафашонро бифаҳмонанд ва чизе мехоҳанд, (ба пуррагӣ) бигӯянд, магар вақте бемаврид сӯҳбат кунанд, дар он сурат пеши ин гуфторашонро бигир ва бигӯ ин суханон ба асли масъала ҳеҷ робитае надоранд.

5. Ҳеҷ гоҳ дар ҳолати дилтангӣ, хашму ғазаб ва ғамгинӣ қазоват ва ҳукме содир накун. Ҳамчунин, дар ҳолати шиддати қазои ҳоҷат, дар вақти гуруснагӣ ва дар вақте ки дилат ба ҷои дигаре ва ё ба кори дигаре машғул ва банд аст, қазоват накун!

6. Вақте қазоват ва ҳукме содир кун, ки ҳаматарафа фориғдил ва ором бошӣ!

7. Дар баровардани ҳукме дар миёни хешованд он *(вақте ду тарафи қазия бо ҳам хешу табор бошанд)* ба шитоб ва саросемагӣ роҳ надеҳ, балки чанд бор онҳоро бо ҳам бинишон, то бо ҳам сулҳ

намоянд. Агар ба сулҳу созиш дар миёни ҳам розӣ шуданд, бисёр хуб ва дар ғайри он дар миёни онҳо бар асоси шариат ҳукм бикун.

8. То ҳамаи сабабҳои тӯҳмат ва даъво бароят муайян нагашта бошанд, бар зидди касе ҳукме содир накун.

9. Ҳеҷ гоҳ ба шоҳидон чизе талқин накун ва ба даҳонашон гап наандоз.

10. Дар ҷараёни мурофиа ба ҳеҷ кас *(на ба ду тарафи даъво ва на ба шоҳидон)* роҳнамоӣ ва ишора накун.

11. Ба хешовандонат вазифа ва мансаберо насупор.

12. Даъвати касеро (аз ду тарафи даъво) қабул накун, то мавриди иттиҳом қарор нагирӣ!

13. Дар маҷлиси қазо (ва дар вақти мурофиа) ҷуз бо одамони марбут сухане нагӯ.

14. Тақворо ҳамеша бар ҳама чиз тарҷеҳ бидеҳ, ки барои дунё ва охират басанда аст.

Худованд ба ҳамаамон неъмати саломатӣ ва зиндагии покиза иноят фармояд ва дар охират ҷойгоҳи обрӯмандонае насиб гардонад! Ва саллаллоҳу таъоло ъало хайри халқиҳи саййидино Муҳаммадин ва олиҳи ва саҳбиҳи аҷмаъин.

بِسْمِ اللَّهِ الرَّحْمَنِ الرَّحِيمِ

5. Насиҳатномаи Имоми Аъзам (р.ҳ.) ба ҷамъе аз ёрон ва шогирдонаш

Имоми Аъзам (р.ҳ.) ба ҷамъе аз шогирдон ва ёронаш дар яке аз дидорбиниҳои онҳо аз ӯ насиҳатҳои арзишманде намуд, ки инак, онро дар ин мачмӯъаи нафис пешкаши хонандагон менамоем.

Абуюсуф (р.ҳ.) ривоят мекунад, ки дар як рӯзи борон бо ҷамъе аз шогирдони Абуҳанифа (р.ҳ.) ба дидори ӯ рафтем, аз ҷумла: *Довуди Тойӣ, Офияти Авдӣ, Қосим ибни Маъни Масъудӣ, Ҳафс ибни Ғиёси Нахаъӣ, Вакиъ ибни Ҷарроҳ, Молик ибни Муғул, Зуфар ибни Ҳузайл* ва чанд нафари дигар ҳузур доштанд. Абуҳанифа (р.ҳ.) ба мо рӯй оварда ва фармуд:

1. Суруру шодии ман ба шумо вобаста аст, вақте шуморо мебинам, ғаму парешониам аз байн меравад. Ман фикҳро барои шумо ба монанди аспи

саворие чунон ром ва зину лаҷом намудаам, ки ҳар вақте бихоҳед, ба он савор мешавед.

Акнун шуморо дар ҳоле раҳо менамоям, ки мардум аз пайи шумо меоянд, аз шумо пайравӣ мекунанд ва суханони шуморо мечӯянд. Сарҳоро дар пеши шумо фуруд овардаам, ки бихоҳанд ва ё нахоҳанд, аз шумо фармон мебаранд.

Ҳоло ҳамаи шумо салоҳияти қазо (қозиги)-ро доред. Дах нафари шумо метавонанд қозиюлқузот, яъне барои қазоват устод ва мураббӣ бошанд.

2. Шуморо ба Худо ва ба он илме, ки Худо ба шумо иноят фармудааст, савганд медиҳам, ки ин илмро аз зиллату хорӣ нигаҳ доред ва ҳаргиз онро бо мансабхоҳӣ ва ё ӯҳдаи ҳокимон хор насозед.

3. Агар мансаби қозигӣ ба ногоҳ ба касе аз шумо (пешниҳод ва) таҳмил шавад, дар ҳоле, ки ӯ дар худ нуқтаи заъферо медонад, ки Худо онро аз дигарон пӯшидааст, пас бидонед, ки қазовати чунин шахсе ҷоиз нест ва он даромаде, ки аз ин роҳ ба даст меоварад, барояш ҳалол намебошад. Қазовати шахс вақте ҷоиз мебошад ва музде, ки аз ин роҳ ба

даст меоварад, барояш ҳалол мебошад, ки зоҳиру ботинаш яке бошад.

4. Бо ин ҳол, агар касе масъулияти қозигиро мачбуран бипазирад, пас дар миёни худ ва мардум парда (ва монеъе) эчод накунад. Намозҳои панчвақтаро бо ҷамоъат ва дар масчид бигузорад ва дар вақти ҳар намоз дар миёни мардум эълон намояд, ки ҳар кас бо ман коре дошта бошад, ман ҳозирам.

5. Вақте аз намози хуфтан фориғ шуд, се бор эълон намояд, ки касе бо ман коре дошта бошад, ман ҳамин ҷо ҳастам, он гоҳ ба хонааш биравад.

6. Агар ба қадре бемор шуд, ки дигар натавонист ба ҷои кораш ҳозир шавад, ба андозаи он рӯзҳое, ки бемор буд, аз музди кораш кам намояд.

7. Ҳар роҳбару пешво ва ё масъуле дар байтулмол *(хазинаи давлат)* хиёнат кунад ва ё дар даврони сарвариаш зулме намояд, пешвоӣ ва сарвории чунин шахсе ботил мегардад ва аз он лаҳза ба баъд ҳукмронӣ ва идомаи масъулият барои вай ҷоиз намебошад ва агар ба таври ошкор

муртакиби гуноҳе шавад, ки дар он ҷазои шаръӣ вочиб мебошад, бояд наздиктарин қозиҳои минтақа ҳадро бар вай ба мавриди ичро гузоранд.

Ва саллаллоҳу ъало саййидино Муҳаммадин ва ъало олиҳи ва саҳбиҳи ва саллама таслиман касиро.



Гулчине аз суханони Имом Абуҳанифа (р.ҳ.)

1. *Касеро илм аз ҳаромҳои Худо боз надорад ва аз гуноҳон манъ насозад, вай дар ҳақиқат, аз зиёндидагон аст.*

2. *Касе илмро барои дунё биомӯзад, аз баракати он маҳрум гардад ва ҳеҷ кас аз он баҳрае нагирад ва касе илмро барои дин биомӯзад, дар илмаш баракат ёбад ва он дар қалбаш росих ва устувор гардад ва истифодабарандагон низ пас аз вай аз он баҳравар гарданд.*

3. *Касе каромати инсонӣ ва қадри нафси худро бидонад, дунё дар назараш беарзиш бошад ва сахтиҳояш бар вай осон гарданд.*

4. *Бузургтарин тоатҳо имон овардан ба Худои таоло ва бузургтарин гуноҳон куфр варзидан ба Худои таоло аст. Касе Худоро бо бузургтарин тоатҳо, яъне имон парастиш намояд ва аз бузургтарин гуноҳон, яъне куфр дурӣ намояд, умед аст, ки дар корҳои дигараш мағфират шавад.*

5. *Касе ба новақт толиби риёсат гардад, то вақте зинда аст, дар хорӣ ба сар барад.*

6. *Бидон, ки амал тобеи илм аст, ҳамон гуна, ки аъзо(и бадан) тобеи чашм (ва бинии) ҳастанд. Илм бо амали андак аз ҷаҳл бо амали бисёр нофеътар аст.*

Мундарича

Насиҳат гӯш кун, ҷоно.....3

Хонадони Имоми Аъзам (р.).....25

Давраи касби илм ва камолот.....28

Вафоти Имоми Аъзам (р.) 34

Насиҳатномаи Имоми Аъзам (р.) ба Абуюсуф.....37

Абуюсуф бузургтарин шогирди Имоми Аъзам.....37

Муносибат бо подшоҳ 38

Муносибат бо мардум ва ахлоқи иҷтимоӣ.....40

Муносибат бо ҳамсар 42

Тақво ва муносибат бо мардум 44

Дар баёни меъёрҳои ахлоқӣ 53

Насиҳатномаи Имом ба Юсуф ибни Холид.....59

Насиҳатномаи Имом ба фарзандаш Ҳаммод.....67

Насиҳатномаи Имом (р.) ба Абуъисмат.....75

Насиҳатномаи Имом (р.) ба ҷамъе аз ёронаш.....80

Гулчине аз суханони Имом Абуҳанифа (р.).....84

عبد الباقي

وصايا الإمام الأعظم

أبي حنيفة (رحمة الله عليه)

بمناسبة عام احتفال الإمام الأعظم (رحمة الله عليه)

باللُّغة الطَّاجكيَّة

دوشنبه – 2009

Абдушариф Бокизода

НАСИҲАТНОМАИ ИМОМИ АЪЗАМ

Муҳаррири масъул — Қ. Сатторӣ
Тарроҳ — Д. Бобохон
Ҳуруфчин — Г. Сатторӣ
Муҳаррир — М.Холов
Муҳаррири техникӣ — А. Камолов

Ба матбаа 21.05.09. супорида шуд. Ба чопаш 25.05.09. имзо шуд. Андозаи 60x84$^{1}/_{16}$. Коғази офсетӣ. Чопи офсетӣ. Ҷузъи чопӣ 5,5 . Адади нашр 1000 нусха.
Супориши № 34/09.

Муассисаи нашриявии «Маориф ва фарҳанг»-и Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон. 734018, ш. Душанбе, кӯчаи Н. Қарабоев-17. Тел/факс: 233-93-97
E-mail: najmiddin64@mail.ru